آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

30 ноябри соли 2024 Шанбе № 96 (15107)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ЗИЁД КАРДАНИ САРМОЯҲО, КОҲИШ ДОДАНИ БЕКОРӢ – АЗ ҶУМЛАИ ВАЗИФАҲОИ АВВАЛИНДАРАҶАИ РУШДИ ВИЛОЯТИ БУХОРО

Президент Шавкат Мирзиёев 29 ноябр бахшида ба ошкор намудани имкониятҳои иловагӣ, афзун сохтани сармояҳо ва фароҳам овардани ҷойҳои корӣ дар вилояти Бухоро машварат баргузор кард.

Иқтисодиёти минтақаи мазкур асосан бо хоҷагии қишлоқ вобаста буд. Вале тӯли ҳафт соли охир ба вилоят зиёда аз 4 миллиард доллар сармояҳо ҷалб карда шуданд, ки имкон дод соҳаҳое чун энергетика, электротехника, саноати кимиё, дорусозӣ, бофандагӣ ва истеҳсоли чарм инкишоф ёбанд. Дар давраи сипаришудаи соли равон 1,5 миллион сайёҳони хориҷӣ барои зиёрат ба вилояти Бухоро омаданд.

Ташрифи сарвари давлат ба вилоят, ки 31 май – 1 июни соли ҷорӣ сурат гирифт, ба рушди он такони нав бахшид. Тамоми вазифаҳое, ки дар ҷараёни ин сафар пешбинӣ шуда буданд, то охири сол иҷро мешаванд.

Баробари ин, рушди минбаъдаи нишондиҳандаҳои иқтисодиётро дар соли 2025-ум бояд таъмин кард, бо шуғлфарогирӣ ва некуҳолии аҳолиро баланд бардошт. Бо ин мақсад гурӯҳи корӣ имкониятҳои иловагии минтақа ва омилҳоеро, ки ба рушди соҳибкорӣ монеа мешаванд, омӯхт.

Дар ҷамъомаде, ки дар рӯҳи танқидӣ гузашт, зикр гардид, ки нишондиҳандаҳои иқтисодии вилоят ба имкониятҳои он мувофиқат намекунанд. Кор бобати аз худ намудани сармояҳо, коҳиш додани нодорӣ ва бекорӣ ғайриқаноатбахш дониста шуданд.

Вобаста ба ин ҳокимон, муовинони онҳо ва роҳбарони соҳаҳо тӯли шаш моҳ бо режими фавқулода кор мекунанд. Тамоми эътибор ба беҳтар кардани се самти мазкур нигаронида ҳоҳад шуд. Татбиқсозии 70 лоиҳаи муҳаррик, ки ба таҷрибаҳои Сайҳунобод, Уйчӣ, Зарбдор ва Ғиждувон такя мекунанд, афзалият пайдо мекунанд. Онҳо имкон медиҳанд даромади 150 ҳазор нафар таъмин карда шавад ва 40 ҳазор нафар аз нодорӣ раҳоӣ ёбанд.

Таъре таъкид шуд, ҳар кадом ноҳияи вилоят метавонад ба соҳаи муайяни саноат тахассусонида шавад. Чунончи, Пешкӯ ва Шофиркон ба истеҳсоли маводи сохтмон ва бофандагӣ, шаҳри Когон, ноҳияҳои Олот ва Ҷондор ба саноати хӯрокворӣ, Ғиждувон ва Рометан ба саноати кимиё. Ин имкон медиҳад лоиҳаҳои соҳибкорон дар ҳаҷми 150 миллион доллар татбиқ шаванд, 411 корхонаи кучак бунёд ёбад ва 12 ҳазор ҷойҳои корӣ фароҳам оянд.

Дар ноҳияҳои Вобканд, Қарокӯл, Ҷондор ва Олот сохтмони чаҳор фабрикаи бофандагии арзишашон 320 миллион долларина ба нақша гирифта шудааст. Ин ҳаҷми маҳсулоти тайёри бофандагӣ ва дӯзандагиро ду баробар зиёд карда, 5 ҳазор ҷойи корӣ фароҳам меоварад.

Соли оянда ба 2,2 миллион нафар расондани миқдори сайёҳони хориҷӣ ва ба 600 миллион доллар бардоштани ҳаҷми содироти хидматҳои сайёҳӣ пешбинӣ мегарданд. Ба ин бунёди 69 меҳмонхонаи нав ва 2 ҳазор дӯкон ва мағозаҳои ҳунармандӣ мусоидат хоҳанд кард.

Аз худ намудани 20 ҳазор гектар замин ба нақша гирифта шудааст, ки имкон медиҳад 100 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ парвариш карда шавад ва 2 ҳазор нафар бо шуғл таъмин гарданд. Дар қитъаҳои наздиҳавлигӣ, дар соҳили каналҳо ва майдонҳо дарахтон ва зироати хӯрокворӣ кошта мешаванд.

Боз як имконияти пурра истифоданашуда ин чарогоҳ мебошад. Дар вилояти Бухоро масоҳати онҳо аз 2 миллион гектар зиёд аст. Дар доираи қарорҳое, ки дар машварати бинобар рушди озуқаворӣ ба наздикӣ баргузоршуда қабул гардиданд, дар чарогоҳҳои истифоданашаванда парвариши писта ба нақша гирифта шудааст.

Ҳокими вилояти Бухоро бобати истифодаи ин имкониятҳо нақшаҳои кориро муаррифӣ намуд. Умуман, соли оянда аз ҳисоби сармояҳои хориҷӣ ба маблағи 2 миллиард доллар татбиқсозии 106 лоиҳа, фароҳам овардани 105 ҳазор ҷойҳои доимии корӣ, дар ҳаҷми 350 миллион доллар зиёд кардани содирот пешбинӣ мегардад.

Роҳбари давлат нокифоя будани ин нақшаҳоро зикр карда, фармоиш дод, ки саъю кӯшишҳо фаъолтар ва натиҷаҳо бештар карда шаванд. Супориш дода шуд, ки таклифҳо таҳдиди назар гардида, лоиҳаи қарори дахлдор пешниҳод карда шавад.

ЎзА.



Аз бунёди корхонаи автомобилсозии «ADM Jizzakh» дар минтақаи иқтисодии озоди Ҷиззах ҳанӯз 3 сол сипарӣ нагардида, аз чоряки якуми соли ҷорӣ боз як корхонаи автомобилсозии «BYD Uzbekistan Factory», ки дар асоси манбаъҳои энергияи муқобил кор мекунад, ба фаъолият шурӯъ кард.

Агар дар зинаи аввали лоиҳае, ки 160 миллион доллар арзиш дорад, соле истеҳсоли 50 ҳазор автомобили гибридию барқӣ ба роҳ монда шуда бошад, баъди пурра ба кор даромадани лоиҳаи мазкур корхона метавонад соле 300 автомобил истеҳсол намояд.

Аксбардор: Ҷ.ЁРБЕКОВ (ЎзА).

Рӯзномаи «Kalimantan Post»:

ЗИЁРАТ ВА БО ЗАВҚ ИСТИРОҲАТ КАРДАН ХОҲЕД, БА ЎЗБЕКИСТОН САФАР КУНЕД

Рӯзномаи машҳури Индонезия «Kalimantan Post» мақолаеро бо унвони «Сафар ба кишвари ҳайратангези Ӯзбекистон» нашр намуд.

Муаллифи мақола – Муҳаммад Аде Маулидин қайд мекунад, ки мардуми Индонезия Ӯзбекистонро ҳамчун замини муқаддас медонанд. Дар байни сайёҳони индонезӣ кишвари мо ба мисли Макка ва Мадина макони муҳими зиёрати мусулмон шуҳрат дорад.

«Ӯзбекистон – кишвареста, ки дар рушди тамаддуни исломӣ саҳми бузург дорад. Ҳар касе, ки ба ин кишвар ташриф меорад, бо шаҳрҳои таърихӣ, чун Тошканд, Бухоро, Самарқанд ва Хива шинос мешавад, аз шуҳрати таърихӣ, фарҳангӣ ва маънавии он бахраманд мегардад. Дар ин сарзамин донишмандон ва файласуфони бузург, аз ҷумла Ибни Сино, нобиғаи илми тиб, Ал-Хоразмӣ, асосгузори алгебра ва Абурайҳон Берунӣ, падари геодезия ба дунё омадаанд», – менависад муаллиф.

Рӯзноманигори индонезӣ таъкид мекунад, ки Ӯзбекистон ватани Имом Бухорӣ, донишманди бузурги муҳаддис ва муаллифи маҷмӯаи «Ал-Ҷомеъ ас-Саҳеҳ» мебошад, ки он яке аз сарчашмаҳои муҳими ҷаҳони ислом шинохта мешавад. Ҳамчунин, хабар дода мешавад, ки мақбараи ин шахсияти дорои ҷойгоҳи махсус дар таърихи тамаддуни исломӣ, ки дар наздикии Самарқанд ҷойгир аст, имрӯз ба маҷмааи бузург табдил дода мешавад.

«Чизи ҷолиб он аст, ки нусхаи нодири Қуръони ҳазрати Усмон, ки дар пӯсти оҳу навишта шудааст, дар китобхонаи Идораи мусулмонони Ӯзбекистон, ки дар минтақаи кухнаи шаҳри Тошканд ҷойгир аст, нигоҳдорӣ мешавад», – зикр мегардад дар мақола.

Рӯзноманигори индонезӣ менависад, ки дар кӯчаҳои қадимии Самарқанд ӯ бо зане бо номи Мерина аз шаҳри Банҷармасин, воқеъ дар ҷазираи Калимантан, вохӯрда, бо ӯ суҳбат карда, таассуроти ӯро аз сафар ба Ӯзбекистон дар мақолааш овардааст.

«Фасли зимистон дар Ӯзбекистон хеле зебо аст. Ба индонезиҳо, ки ҳеҷ гоҳ барф надидаанд, лозим нест, ки маблағи зиёд сарф намуда, ба Аврупои дур сафар кунанд. Дар масофаи якунимсоатӣ аз Тошканд кӯҳҳои Чимён ҷойгиранд, ки барои сайёҳони хориҷӣ ва дӯстдорони лижаронӣ ҳама шароит фароҳам оварда шудааст. Ҳамчунин дар биёбонҳои наздики Бухоро бо дӯстонам савори шутур ва асп шуда, бо квадротсикл сайр кардам. Хушбахтона, ин навъи сайёҳӣ низ дар Ӯзбекистон рушд ёфта истодааст. Саёҳати мо ба Бухоро ба мо таассуроти бузурге бахшид», – мегӯяд сайёҳи индонезӣ.

Муаллиф хулоса мекунад, ба онҳое, ки меҳоҳанд зиёратро анҷом дода, истироҳатро бо завқ гузаронанд, бояд ҳатман ба Ӯзбекистон сафар кунанд.

АИ «Дунё»,
шаҳри Ҷакарта.

8 декабр – Рӯзи Қонуни Асосӣ

ҚОМУСИ МО – НОМУСИ МО

Қонуни асосии мо барои насли ҷавонамон бобати амалӣ намудани орзуҳои худ ва омода кардани заминаи мустаҳкам барои ояндаи онҳо имкониятҳои беҳамто фароҳам меорад.

Шавкат МИРЗИЁЕВ.



Дар арафаи 32-солагии Рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба ректори Донишгоҳи давлатии Фарғона, доктори илмҳои педагогӣ, профессор **Баҳодурҷон Шермуҳаммадов** бо чанд суол мурочиат кардем.

– Баҳодурҷон Шермуҳаммадович, мехостам суҳбатамонро аз боби аҳамияти Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон оғоз кунем.

– 32 сол муқаддам Конститутсияи мо қабул карда шуд ва онро мардуми кишвар бо хушҳолии бузург истиқбол намуд. Қабули ин ҳуҷҷат, бемуҳобот, ҳодисаи беназиру таърихист. Зеро он ҳуҷҷате маҳсуб меёбад, ки барои мардум роҳи дурусти зиндагиро муайян мекунад. Дарвоқеъ, қайди он нукта низ бамаврид аст, ки истиқлоли давлатии ҳар як мамлакат аз қабули парчам, нишон ва суруди миллӣ шурӯъ мешавад. Баъд зарурати қабули Қонуни асосӣ ба миён меояд. Мамлакати мо ин давраро паси сар намуд ва имрӯз ӯзбекистони соҳибистиқлол, ки «Ӯзбекистони Нав» унвон гирифтааст, дорои ин се рамзи давлатӣ ва Конститутсияи худ мебошад. Имрӯз Қонуни Асосӣ, ки дар таҳрири нав қабул гардид, иқтидор ва салоҳияти кишварамонро аз ҳар ҷиҳат ҷилвагар месозад. Дар ин мавриди саволе ба миён меояд, ки қабули Конститутсия барои давлат ва мардуми мо то кадом андоза молики аҳамият мебошад. Пеш аз ҳама, он мувофиқи ғояҳои ҳуқуқи инсон ва соҳибихтиёрии давлатамон навишта шудааст. Гузашта аз ин, Қонуни Асосӣ бо дарназардошти ҳамон эҳсоси масъулият нисбати наслҳои имрӯза ва фардо таҳияву таълиф гардидааст, ки дар ҳар як моддаи он маънову мундарича хеле равшану возеҳ таҷассум ёфтаанд. Яъне, Конститутсияи мо ҳуҷҷати асосии зиндагиномаи ҳуқуқии давлату ҷамъияти мо буда, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро пурра кафолат медиҳад, ҳамзамон дар мамлакат волоияти қонунро таъмин менамояд. Он ҳуҷҷатест, ки садсолаҳои дигар барои мардуми мо хидмат хоҳад кард.

– Қонунҳои дигар низ мавҷуданд, аммо чунин афзалият танҳо дар Қонуни Асосӣ дида мешавад. Дуруст аст?

– Бале. Аз рӯйи моҳият ва табиати ҳуқуқии худ Конститутсия аз ҳуҷҷатҳои дигари ҳуқуқӣ бо як қатор ҷиҳатҳои муҳим ва афзалиятноки худ фарқ мекунад. Яъне он ҳуҷҷати асосиест, ки давлат ва ҷамъият маҳз бар асоси он муносибатҳои иҷтимоиро ба роҳ мемонанд ва аз чаҳорчӯби он берун фаъолият кардан имконнопазир мебошад. Агар ба таври дигар бигӯем, Конститутсия асоси ҳамаи қонунҳои кишвари мост. Он дорои қувваи олии ҳуқуқӣ, шакли беназири ҳифзу ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандӣ мебошад, инчунин танзиму тартиб ва муқаррароти конститутсиониро бар дӯш дорад, роҳнамои ҳақиқии ҳаёти мардуми Ӯзбекистони соҳибистиқлол маҳсуб меёбад.

(Давомаш дар саҳ.2).

Барномаи умумимиллӣ «Макони сабз» – дар амал

БОҒИ «ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ» ДАР БУЛУНҒУР

Мардум аз ҳашари шаҳри Тошканд илҳом гирифта, ба бунёди боғу гулгаштҳо пардохтанд.

Дар маҳаллаи Олмазори ноҳияи Булунғури вилояти Самарқанд дар ду гектар майдони боғи навбунёди «Ӯзбекистони Нав» 1700 бех ниҳоли дарахтони мевадиҳанда ва манзаравӣ шинонда шуд. Дар ин кори неку хайр ҳамаи роҳбарони секторҳои вилоят, ҳокимони шаҳру ноҳияҳо, ҷавонон, намояндагони ҷомеаи васеъ ва вакилони расонаҳои ахбори оммавӣ ширкат варзиданд.

– Барномаи умумимиллӣ «Макони сабз» – ин натиҷаи сиёсати оқилона барои нигаҳдории муҳити зист ва тозагиву озодагии табиат аст, – гуфт ҳокими ноҳия Самандар Остонов. – 5-6 сол қабл аз ин, минтақаи мазкур бекор мехобид фақат янтоқ месабзиду халос. Ҳоло дар 24 гектар майдон шаҳраки навбунёд қад ҳоҳад афрохт, ки аз 56 бинои баландошёнаи замонавӣ 1204 нафар манзили зист мегиранд. Инчунин майдони варзиш, поликлиникаи оилавӣ ва бинои идораи маҳалла сохта мешавад, ки барои ин 7 миллиард сӯм маблағ ҷудо шудааст.

Дар фасли тирамоҳу баҳор шинондани 414 ҳазор бех ниҳоли гуногуни мевадиҳанда ва сояафкан ба нақша гирифта шудааст.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА.
Вилояти САМАРҚАНД.

ОБУНА БАРОИ СОЛИ 2025 ИДОМА ДОРАД!

Хонандагон, ҳаводорон ва алоқамандону муштариёни рӯзномаи номвари «Овози тоҷик»!

Шумо тариқи обуна шудан ба рӯзномаи садсолаи «Овози тоҷик» метавонед тамоми сол:

– беҳтарин хабару гузоришҳоро аз ҳаёти Ӯзбекистон;
– мақолаҳои ҷолибу хонданӣ;
– матолиби таҳлилӣ ва танқидӣ;
– маълумоти муҳим ва муфиди фарҳангиву адабиро мутолиа намоед.

Дӯстони азиз! Ба рӯзномаи дӯстдоштаатон «Овози тоҷик» обуна шуда, дар рушду пешрафт ва боз ҳам хонданитар гардидани он саҳм гузоред!

Индекси обуна 170



Телефон барои муроҷиат: +998 55 5200336.

ҚОМУСИ МО – НОМУСИ МО

(Аввалаш дар саҳ. 1).

– Барои пойдории адолат дар ҷамъият ба қадру қимати инсон, такя ба Қонуни Асосиро меёъри муҳим мешуморанд. Назари шумо дар ин робита чӣ гуна аст?

– Бояд гуфт, ки Ӯзбекистон аз рӯзҳои аввали касби истиқлол барпо кардани давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандиро ҳадафу маромаи асосии худ қарор додааст ва дар ин ҷода солҳои дароз талошҳои зиёд ба харҷ медиҳад. Конститутсияи мо, ки рӯҳияи демократӣ ва адолати иҷтимоиро фаро гирифтааст, мутобиқи меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқҳои байналмилалӣ қабул шудааст. Он тайи муддати сипаришуда тавонист барои шаҳрвандони Ӯзбекистон зиндагии шоистаро кафолат диҳад ва мавриди эътимоди онҳо қарор гирад. Яке аз бузургтарин дастоварди мо – дар асоси қонуну принсипҳои ҷумҳурии худ, бо ташаббуси Президенти муҳтарам Шавкат Мирзиёев қабули «Стратегияи ҳаракат» ва ба ислоҳоти густурда ва пуршиддати демократӣ шурӯъ намудан мебошад. Натиҷаи ҳамин аст, ки симои сиёсию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодии ҷамъият, ҷаҳонбинии мардуми мо дар солҳои охир ба куллӣ тағйир ёфтааст. Ҳоло халқи мо ба ин қувва такя намуда, барои дар мамлакатамон барпо намудани ҳаёти озоду обод ва осудаву фаровон фидокорона меҳнат мекунанд.

– Қонуни Асосӣ ҷиҳати бароварда сохтани орзуву ормонҳои мардум то чӣ андоза мусоидат менамояд?

– Мегӯянд, ки Конститутсия шиносномаи давлат ва халқи ҳар як мамлакат аст. Яъне дар муносибатҳои ҳуқуқии дохилӣ ва байналмилалӣ Конститутсия меъёри асосиро ифода мекунад. Дар ин ҳуҷҷати муҳим маҳз орзую умедҳои умумии миллату мардуми ҳамон кишвар таҷассум ёфтаанд, ки онро имрӯз Ӯзбекистони Нав меноманд. Бояд эътироф кард, ки ибораи «Ӯзбекистони Нав» на танҳо дар кишвари мо, балки дар арсаи байналмилалӣ на ҳамчун мафҳуми нав, балки ҳамчун падидаи воқеии иҷтимоӣ пазируфта шудааст.

– Дар меҳвари моддаҳои Конститутсия кадом масъала қарор дорад?

– Имрӯз дар асоси меъёри конститутсионии «Халқ манбаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ аст» низоми муассир ва устувор ташаккул ёфтааст, ки тибқи он халқ ба мақомоти давлатӣ не, мақомоти давлатӣ ба халқ хидмат мекунад, ба Конститутсия ва қонун хидмат мекунад. Қонуни асосии мо соҳибихтиёрии давлат (боби I), ҳокимияти халқӣ (боби II), Конститутсия ва волоияти қонун (боби III), масъалаҳои сиёсати берунӣ (боби IV)-ро дарбар мегирад ва ҳамчун қувваи роҳнамои тараққиёти ҷамъият дар тамоми ҷабҳаҳо хидмат мекунад. Дар кишвари мо ислоҳоти бебозгашти демократӣ амалӣ мешавад. Пеш аз ҳама, барои дастгирӣ ва татбиқи ҳуқуқи ҳар як шахс дар Қонуни Асосӣ кафолати устувори иҷтимоӣ қарор дода шудааст. Дар тамоми соҳаҳо манфиатҳои инсонро тавъ ҳимоя қарор додааст, дар меҳвари бахши суду ҳуқуқ низ принсипи асосӣ адолатнокӣ ва ҳимояи инсон мебошад.

– Ин принсипҳо то чӣ андоза дар ҳаёт татбиқ мегарданд?

– Барои таъмини принсипи адолат, ки дар Конститутсия ифода ёфтааст, корҳои бузург пиёда карда мешаванд. Хусусан, ба манзури коҳиши камбизоатӣ ғояи «Ӯзбекистони Нав аз остонаи мактаб оғоз меёбад» бобати аз беху бун ислоҳ кардани сохтори таълими миллӣ эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Аз ҳама хурсандиовар он, давраи пешрафте, ки халқи мо дар самти рушди илму фарҳанг ва санъат, адабиёту варзиш, баланд бардоштани самаранокии корҳои маънавию тарбиявӣ, дарк намудани истеъдод ва маҳорати ҷавонон, махсусан духтарони мо ноил шудааст, амалӣ гардонидани орзую умеди насли наврас, тайёр кардани заминаи мустаҳкам барои омӯзишу парвариш ва фароҳам овардани имкониятҳои бемислу монанд мебошад. Инро мо дар ҳаёти воқеӣ мебинему эътимод ҳосил мекунем, ки роҳи пешгирифтаи Президент, давлати мо манфиатҳои мардуми онро ҳимоя мекунад.

– Пас, мешавад гуфт, ки Қонуни Асосӣ ба мардум шароит фароҳам овардааст, ки ҳарфи худро озодона бигӯянд ва дар доираи қонун ба зиндагиву фаъолият машғул шаванд?

– Бечунучаро чунин аст. Қайд карданро лозим медонам, ки дар мамлакати мо волоияти Сарқонун ва қонунҳои дигар саропо эътироф мешавад, ки ҳеҷ як муқаррароти он наметавонад ба тарзе шарҳ дода шавад, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои Ӯзбекистон зарар расонад. Гузашта аз ин, ягон қонун ё санади меъёрии ҳуқуқӣ хилофи меъёру қоидаҳои Конститутсия нест ва ҳамин нукот боз як далели дурустии ин гуфтаҳо мебошад. Бар иловаи инҳо, вақте ки ҳар як мамлакат роҳи истиқлолият ва тараққиёти худро интихоб мекунад, дар Қонуни асосии худ мақсаду вазифаҳоеро мукаммал менамояд, ки ба таъмини некуаҳволии халқ хидмат мекунанд. Як далел бояд ба ҳамаи мо равшан бошад: дар баробари ислоҳоте, ки мо дар ҳамаи соҳаҳо мегузаронем, ҷараёнҳои ошкорбаёнӣ ва кушодагӯй дар ҷамъият рушд хоҳанд кард ва бозсозии мансуб ба демократикунонӣ ҳаргиз қатъ намегардад. Зеро мо бо ҳамин роҳ устуворона пеш меравем. Охир, боз ҳам ободу осудатар гардонидани ҳаёти халқамон, ба ҳар як одами сокини диёрамон, сарфи назар аз миллату забон ва дину мазҳаб, таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ зоҳир намудан вазифаи асосии давлат ва ҷамъияти мост.

Бовар дорам, ки хамаи ҳамватанони мо дар роҳи чунин мақсади начиб ва пуршараф чун як тану ҷон меҳнат карда, ҳамчун бинокорони Ӯзбекистони Нав дар ин майдон ҷасорату матонат нишон медиҳанд. Аз ин раванд, албатта, ҷамоаи донишгоҳи мо низ дар канор нахоҳанд монд.

– Ташаккур барои суҳбати пурмуҳтаво.

Суҳбаторо

Мирасрор АҲРОРОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти ФАРҒОНА.

Дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавӣ бо ташаббуси Ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзкимёсаноат» доир ба корҳои дар соли ҷорӣ иҷрошуда ва вазифаҳои оянда нишасти матбуотӣ баргузор гардид.

ҲАҶМИ СОДИРОТ СОЛ АЗ СОЛ МЕАФЗОЯД

Дар чорабинӣ муовини раиси ҷамъият Акобир Тӯхтаев таъкид намуд, ки дар чаҳорчӯби қарорҳои роҳбари давлат дар бораи такмил додани фаъолияти сохтори ҷамъият ва баланд бардоштани самарабахшии кори он, ҳамчунин бозсозӣ кардани корхонаҳои соҳа, татбиқ намудани дастурҳои сармоявӣ, афзудани ҳаҷми истеҳсолот ва маҳсулоти маҳаллигардондашуда, азхуд намудани маҳсулоти нав як қатор корҳо амалӣ мегарданд. Алҳол дар таркиби ҶС «Ӯзкимёсаноат» 24 корхонаи истеҳсолкунанда ва 15 ширкати хидматрасонӣ фаъолият мебарад. Дар корхонаҳо беш аз 90 ҳазор нафар мутахассис ва ходимон кор мекунанд. Зиёда аз 270 намуд маҳсулот истеҳсол карда мешавад.

Тӯли 9 моҳи соли ҷорӣ дар корхонаҳои ҷамъият 1,34 триллион сӯмина маҳсулот истеҳсол шуд. Беш аз 40 намуди онҳо ба зиёда аз 52 давлати хориҷӣ содир карда мешаванд. Ҳамчунин, мувофиқи дастури дохилӣ тӯли солҳои 2024-2026 беш аз 50 лоиҳа дар амал татбиқ гардида, дар натиҷа боз 10 ҳазор нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ мегарданд.

Тавре ки таъкид шуд, мувофиқи барномаи рушди соли 2025-уми корхонаҳои саноати кимё аз ҷониби идораи «Ӯзкимёсаноат» баробари амалӣ намудани корҳои васеъмиқёси иститеҳсоли маҳсулоте, ки ҷойи воридотро ишғол мекунанд, сарфаи энергия, таъмин кардани баркарорӣ ва самарабахшии неруҳои мавҷуда, ҳамчунин татбиқ сохтани лоиҳаҳои сармоявӣ корҳои зиёд амалӣ мешаванд. Дар асоси таҳлилҳо таклифҳое, ки ба беҳтар намудани аҳволи молиявиву иқтисодии корхонаҳои соҳа нигаронида шудаанд, аз ҷониби ҳукумат дастгирӣ гардида, як қатор қарорҳо қабул мешаванд.

Бинобар гуфти мутахассисони соҳа аз соли ҷорӣ маҳсулоти корхонаҳои «Ӯзкимёсаноат» аз реестри корхонаҳои бузург бароварда ва тартиби нархгузории онҳо бекор карда шуданд. Дар натиҷа корхонаҳо бо дарназардошти харҷи воқеии истеҳсолот ба ҳуқуқи мустақилона ташаккул додани нарх соҳиб шуданд.

Дар охири нишаст мутахассисони ҷамъият бобати лоиҳаҳое, ки татбиқ мегарданд, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти содаи каустикӣ, метанол, аммиак, карбамид, кислотаи азот ва ғайра маълумоти муфассал доданд.

Далер АЗИЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».



Дар ярмаркаи «Made in Kashkadarya», ки дар вилояти Қашқадарё баргузор шуд, 500 соҳибкор ва субъектҳои соҳибкорӣ бо беш аз ҳазор навъи маҳсулот ширкат ҷустанд. Дар чорабинӣ, ҳамчунин намояндагони корхонаҳои саноатии бузурги ҷумҳурӣ, тоҷирон аз вилоятҳои Фарғона, Навоӣ, Бухоро, Самарқанд ва Тошканд иштирок карданд.

Иштироқдорони ярмарка ба роҳандозии ҳамкории дарозмуддат бо субъектҳои тиҷорати хурд дар доираи локализатсияи содирот ва саноати нафту газ рӯйи эътибор гардонданд.

Дар ярмарка, дар баробари муаррифии фаъолияти объектҳои саноатии бузург, таҷҳизоти технологӣ ва қисмҳои эҳтиётии содиротии кишвар ба маърази намоиш гузошта шуданд.

Аксбардор: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ӮзА).

3-юми декабр – Рӯзи ногироҳо

ОНҲО БО ЧАШМИ ДИЛ МЕБИНАНД...

Бинобар маълумоти омори байналхалқӣ дар дунё тақрибан 300 миллион ба муаммоҳои вобаста ба чашм гирифтор буда, анқариб 40 миллиони онҳо куллан нобино ҳастанд .

Дар вилояти Самарқанд 16 шуъбаи ноҳиявӣ ва шаҳрии Ҷамъияти нобиноёни Ӯзбекистон мавҷуданд, ки 13 ҳазору 121 нафар беморро муттаҳид мекунанд ва 1318 нафари онҳо ногироҳои гурӯҳи аввал оид ба бемории чашм мебошанд.

Ин рақамҳои таассуфовар дар шаби мусиқии «Чашмони интизори рӯшанӣ», ки дар қасри бошукӯҳи фарҳангии «Нурафшон»-и Самарқанд баргузор гардид, садо доданд.

Дар чорабинии мазкур раисони шуъбаҳои ноҳиявӣ ва шаҳрии Ҷамъияти нобиноёни вилоят баромад карда, таъкид намуданд, ки туфайли сиёсати дурандешонаи саркори давлат ба ногироҳо низ ғамхорӣ карда мешаванд.

– Алҳол дар Самарқанд китобхонаи махсус барои нобиноён арзи вуҷуд дорад, – гуфт директори маърифатгоҳ Шоҳида Қурбонова. – Дар ҷевонҳои он 41 ҳазору 410 адад асарҳои гуногун ба забонҳои ӯзбекӣ, тоҷикӣ, русӣ мавҷуданд.

Дар тадбир эҷодкорони ҷавон Тоҷиой Охунова ва Мӯниса Низомова шеъру ғазалҳои худро қироат карданд.

Ҳозирон баромади дастаи ҳунарии хонаи маданияти рақами 6-уми маркази нобиноёни шаҳри Самарқандро бо кафкӯбиҳо истиқбол намуданд.

– Мо оламро бо чашми дил мебинем, – гуфт раиси вилоятии Ҷамъияти нобиноёни ҷумҳурӣ Зойир Оқбутаев. Ӯ таъкид намуд, ки 13-уми ноябри соли 1745 педагоги машҳури фаронсавӣ Валентин Гаю ба Рӯзи нобиноён асос гузоштааст. Баъдан 3-юми декабр Рӯзи ногироҳо эълон гардид. Он рӯз мо дар атрофи дастурхони пурнозу неъмат, ки бо ташаббуси ҳомиёни хайрхоҳу савобҷӯ густарда мешавад, ҷамъ омада, шукри замони орому осуда мекунем.

ЭЛЕКТРОБУСҲО ДАР КӮЧАҲОИ САМАРҚАНД

Ширкати «YNTONG»-и Чин аз ҳисоби маблағҳои Бонки рушди Аврупо 28 электробуси замонавиро ба шаҳри сайёҳии Самарқанд ирсол намуд.

– То охири сол боз 22-то чунин нақлиёти ҷамоатии мусофиркашон хоҳем гирифт, – иттилоъ дод сармуҳандиси идораи «Самарқанд йӯловчи транс» Абдукарим Самадов. – Боиси хушнудист, ки инчунин 15 таҷҳизоти зарурии қувватдиҳандаро мутахассисони Чин ба шаҳри Самарқанд оварда, асрори истифода бурдани онҳоро ба ҳамкасбони самарқандӣ ёд медиҳанд.

– Мо аз он ифтихор дорем, ки дар Ӯзбекистони Нав барои барқароркунии барномаи «Макони сабз» саҳми арзанда мегузорем, – иброз дошт вакили ширкати мазкур Ҷанг Ю, – электробусҳои замонавӣ барои нигаҳдории муҳити зист ва тозагиву озодагии табиат саҳмгузор хоҳанд шуд.

Бо дастгирӣ ва ҷонибдории Бонки рушди Аврупо Самарқанд ба шаҳри сабзу хуррам табдил ёфта истодааст.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

Бо ибтикори Бонки Осиёии рушд дар мавзӯи «Ислоҳоти минтақавии энергетика: тақвияти таҷрибаи танзим» нишасти минтақавӣ баргузор гардид. Дар он намояндагони созмонҳои молиявӣ, коршиносон ва ҳудуди 40 меҳмони хориҷӣ ширкат намуданд.

ИСЛОҲОТИ СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКАРО БАРРАСӢ КАРДАНД

Директори Оҷонсии рушд ва танзими бозори энерҷии Ӯзбекистон Шерзод Хӯҷаев изҳор кард, ки ҳукумати кишвар бо судури як қарори вижа ривоҷ додани бозори энергетикӣ ва тартибу танзими он, истифодаи оқилонаи энергияи барқ, тавсеаи рақобатпазири муносибатҳои бозаргонӣ, беҳбуди шабакаҳои барқ ва амсоли онро ба тартиб даровард.

– Президент дар як ҷамъомади васеъ неруи барқро ҳаракатдиҳандаи асосии иқтисодиёт унвон кард. Ҳоло дар мамлакати мо тақрибан 14 ҳазор мегаватт неруи барқ тавлид карда мешавад. Аммо соли 2030 мо ба 20 ҳазор мегаватт неруи барқ эҳтиёҷ хоҳем дошт. Бар ҳамин асос ба кор андохтани неруи барқи ҳастаӣ барои сарфа намудани миқдори хеле зиёди гази табиӣ мусоидат менамояд, – гуфт Шерзод Хӯҷаев.

– Бояд гуфт, ки дар мамлакати мо дар соҳаи энергетика як қатор ислоҳот ба амал бароварда мешавад. Ин барои афзудани ҳиссаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар кишвари мо, аз ҷумла неругоҳҳои офтобӣ, шамолӣ, обӣ, инчунин истеҳсолкунандагони хусусӣ роҳи васеъ кушод. Маҳз дар ин раванд танзими бозори энергетикӣ муҳим аст. Албатта, дар мамлакати мо марҳилаҳои аввалини кор дар ин соҳа оғоз ёфтаанд, – иброз дошт Хӯҷаев.

Дар нишаст ба сифати ҳадафи асосӣ ба ваҳдат овардани тарафҳои манфиатдор ва коршиносон, кумак расонидан барои таҳияи асосҳои самараноки меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки ба пуштибонӣ аз рушди устувори минтақа нигаронида шудааст, инчунин табодули таҷриба арзёбӣ гардид.

Директори намояндагии доимии Бонки Осиёии рушд дар Ӯзбекистон Канокпан Лао-Арайя қайд кард, ки ин бонк дар қатори дигар соҳаҳо бо Ӯзбекистон дар бахши энергетика ҳамкориҳои домонадорро ба роҳ мондааст.

– Бояд тазаккур дод, ки ҳукумати Ӯзбекистон барои рушди соҳаи энергетика ҳадафҳои бузург гузоштааст. Аз ҷумла, чорабинӣ зиёд кардани ҳиссаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия яке аз онҳост. Умуман, дар Ӯзбекистон васеъ ҷорӣ намудани манбаъҳои барқароршавандаи энергия самараи хуб мебахшад. БОР дар ин самт низ дастгирии худро идома медиҳад. Дарвоқеъ, чорабинии дурӯза як ҷузъи ҳамон ҳамкориҳои мост, ки натиҷаи мусбати худро дар рушди бозори энергетикӣ равшану возеҳ намоиш медиҳад, – қайд намуд Лао-Арайя.

Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири «Овози тоҷик».

СУПОРИШҲО ДАР АМАЛ ТАТБИҚ МЕГАРДАНД

Президент Шавкат Мирзиёев дар ҷараёни сафар ба вилояти Навоӣ бо фаъолияти корхонаҳои бузурги саноатӣ ва муассисаҳои истеҳсолӣ шинос шуд. Барои роҳандозии лоиҳаҳои нав оид ба рушди минбаъдаи минтақа, зиёд намудани даромади аҳолӣ, беҳтар гардонидани инфрасохтори иҷтимоӣ, пурзӯр гардонидани ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва дар ин замина барҳам додан ба бекориву камбизоатии оилаҳо супоришҳо дода шуд. Ҳамчунин татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи энергетикаи «сабз», самаранок истифода бурдан аз захираҳои мавҷудаи энергияи барқӣ мадди назар буд.

Дар шаҳр ва ноҳияҳои вилояти Навоӣ татбиқи амалии супоришоти Сарвари давлат оғоз ёфт. Дар маҳаллаи «Темирковук»-и ноҳияи Нурато барои занону духтарони хонанишин курсҳои омӯзишии касбу ҳунар, асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ таъсис ёфта, дар чорабинӣ аз ҷониби мактаби дӯзандагии «Райҳон» ба 90 нафар бонувон доири шуғли дӯзандагӣ, кашидадӯзӣ, зардӯзӣ сертификатҳо дода шуд.

Дар чорабинӣ ҳокими ноҳия А. Файзиев, прокурори ноҳия Н. Авазов, роҳбари шуъбаи оила ва бонувони ноҳия Г. Бобомуродова, роҳбари Маркази иттифоқи ҷавонон ва бонувони «Келажак сари» иштирок доштанд. Ба бонувони сертификатдор мошини дарздӯзӣ, дарзмол ва бухориҳои барқӣ тариқи субсид дода шуд.

Ҷунин чорабинӣ дар маҳаллаҳои «Синтаб», «Каттасой» ва «Бӯйдиқ» низ баргузор шуданд. Зимни тадбирҳо садҳо нафар бонувони хонанишин бо шуғл таъмин ва чанд оила дорои манбаи даромад гардиданд.

Дар ҷараёни чорабиниҳо самаранок истифода бурдани неруи барқ ва афзалиятҳои энергетикаи «сабз» тарғибу ташвиқ карда шуд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН, хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти НАВОӢ.

ДАР МАҲАЛЛАИ ЭТНОТУРИЗМИ «ШИРИН»

Маълум аст, ки дар мамлакатамон масъалаи туризм ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардошта шуда, бахри рушдёбии он чораю тадбирҳои зарурӣ дида мешавад. Деҳаю маҳаллаҳои сайёҳӣ ташкил кардан аз ҷумлаи онҳост. 7 сентябри соли 2022 дар «Овози тоҷик» мақолаи муаллифи ин сатрҳо таҳти унвони «Кӯчаю деҳаи сайёҳӣ дар Вобканд» чоп шуда, дар он аз хусуси созмонёбии кӯчаи сайёҳии «Аҳмади Дониш» дар маркази ноҳияи Вобканд ва деҳаи этно-туристии «Ширин» дар ҳамин ноҳия сухан рафтааст. Аз байн зиёда аз ду сол вақт гузашт ва мо хостем ба ин маҳалла рафта, бо ҷараёни корҳо аз наздик шинос шавем.

Деҳаи бостонии Ширин дар ҳудуди ҷамоати шаҳрвандони деҳоти «Чорбоғкент»-и собиқ, ҳоло ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ширин» воқеъ гардидааст.

Мегӯянд, ки ин деҳа зиёда аз 2500 сол таърих дорад. Мардуми маҳаллӣ «Ширин» ном гирифтани деҳаро бо ривояти «Бибиширин» вобаста медонанд.

Дар замонҳои хеле қадим дар ин ҷо бо номи Бибиширин табибе умр басар бурда, одамонро бо гиёҳҳо муолиҷа кардааст. Он гоҳ дар ҳамин ҷо бо ин ном сиҳатгоҳе низ вуҷуд дошта, бо оби шифобахши он мардум бемориҳои пӯст, ярақоро муолиҷа кардаанд. Ақидае мавҷуд аст, ки сокинони деҳа авлоди Бибиширинанд. Аҳолии деҳа аз қадимулайём бо кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва тиҷорат шуғл меварзанд. Дар ин ҷо объектҳои мероси маданӣ, расму оин, урфу одатҳои миллӣ нигоҳ дошта шудааст. Дар деҳа анъанаи тайёр кардани кӯлашӯрак, хушклива (ғулинг), ширавории миллӣ, маҳсулоти полиз ва ҳунармандӣ аз авлод ба авлод мерос мемонад. Бо баробари ин бонувон бо мақсади тайёр кардани ин маҳсулот дар яке аз хонадони ҳамсоя гирд омада, сурудхонон, ривояту афсонагӯй карда меҳнат мекунанд. Азбаски деҳа бобати ҷалб кардани сайёҳон имконияти васеъ дорад, бобати дар ин ҷо созмон додани кластери сайёҳии деҳа омодагӣ дида мешавад. Аз ҷумла, дар соҳилҳои дарёи қадимии Зарафшон маркази сайёҳӣ, дарсҳои маҳорати тайёркунии кӯлашӯртак ва нишалло, хӯрокхӯрии миллӣ, нонпазӣ дар танӯр, асалкашӣ, дар осиёи сангини қадимӣ кашидани ярма, пухтани ҳалиса, намоиши расму оинҳои кӯҳна, ҳавлиҳои ҳунармандӣ ва ғайра ташкил меёбад.

***

Вақте ки мо ба идораи ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ширин» расидем, дар гирду атроф автомобилҳои зиёд ҷамъ омада буд. Маълум гардид, ки ҳар ҳафта рӯзи чоршанбе дар ин ҷо (аз субҳ то соати 10:00) бозор мешудааст. Аҳолии деҳаҳои гирду атроф ин ҷо омада, аз ин бозори мӯҷаз сабзавоту мева ва маҳсулоти зарурии рӯзгорро пайдо мекардаанд.

Ҳангоме ки вориди идораи маҳалла шудем, раис Мирзоҳид Ҳалимов бо яке аз фаъолони маҳалла Равшан Ҷӯраев суҳбат дошт.

Баъди вохӯрии самимона суҳбати мо бо онҳо кӯр гирифт. Маълум шуд, ки онҳо ба фарзанди ҳамин ҳудуд, корманди рӯзномаи «Овози тоҷик» Набия Нодирова шахсони наздиканд. Фаъоли занону духтарони маҳалла Руқия Бобоева бошад, ба Набия дар як синфи мактаби миёна таълим гирифтааст.

Азбаски раис Мирзоҳид Зарифович бо ҳамроҳаш ба таъзияи собиқадори меҳнати ҳудуд рафтаанд, мо маълумоти зарурироро то бозгашти онҳо аз фаъоли бонувони маҳалла гирифтем.

– Ширин яке аз калонтарин деҳаҳои ҷумҳурӣ ба шумор рафта, аз ҷиҳати аҳолӣ дар мамлакат дар ҷои сеюм аст, – оғоз намуд ӯ.

– Нисфи ҳудуд ба маҳаллаи «Чорбоғкент» дахл дорад. Ҳудуди мо 601-то хонадон, 924-то оила ва 3131 нафар аҳолӣ дорад.

Аз ҷумла, занону духтарон 1494 нафаранд, ҷавонони то синни 30-сола 1682 нафар мебошанд.

Маҳалла як мактаби миёнаи маълумоти умумӣ, як боғчаи нодавлатӣ, поликлиникаи оилавӣ, дорухона, ду сартарошхона, чор ошхона, ҳашт дӯкон, панҷ хоҷагии фермерӣ ва нуқтаҳои дигари хидматрасонӣ дорад.

Чи хеле ки таъкид ёфт, бештар аз ду сол шудааст, ки баҳри ба маҳаллаи экосайёҳӣ табдил ёфтани ҳудуд ҷараёни корҳо сурат мегирад. Аз ҷумла, дар шафати роҳи калон 13 хонаи гуногуни хидматрасонӣ ба сайёҳон қад меафрозад. Ошхонаю ҳавзи моҳидории сайёҳон омодаи кор шудааст.

Дар 0,80 га майдон маркази этно-сайёҳии хусусӣ созмон ёфтааст.

Мо дар он ҷо бо мутасаддии марказ Санҷар Бобокалонов вохӯрдем. Вай зодаи деҳаи Ширин буда, баъди хатми мактаби миёнаи деҳа дар шуъбаи забони франсавии факултети забонҳои хориҷии ДДБ таҳсил гирифтааст. Пас дар магистратураи Донишгоҳи Сорбонаи Фаронса маълумоти ҳудро такмил дода, ба Бухоро баргаштааст. Ҳамроҳи бародараш Сӯҳроб ба фирмаи сайёҳӣ асос гузошт. Азбаски ба маҳаллаи этно-сайёҳӣ табдил ёфтани зодгоҳашро медонист, се-чор сол муқаддам дар қитъаи наздиқавлиашон бо мақсади созмондиҳии маркази этно-сайёҳӣ кор сар кард. Растаю боғ, қаҳвахонаю ресторан, манзилҳои истиқоматии сайёҳон бунёд кард. Ниҳолҳои гуногуни манзаравию мевадор шинонд. Бо токҳои гуногун ҳавзоҳо, манзараҳои пурҷозибаи истироҳатӣ ҳосил намуд. 10-то юрта, 14-то хонаи миллӣ барои қабули меҳмонон омода гардид. Имконияти дар як вақт қабулкунии 52 нафар сайёҳон пайдо шуд. Моҳҳои сипаригашта ба ин ҷо даҳҳо сайёҳони хориҷӣ меҳмон шуда, (як ё ду шабонарӯз ин ҷо истиқомат карда, истироҳат кардаанд) ҳам бо тарзи рӯзгор, ҷараёнҳои тайёркунии хӯрок, меваю хушкмева, шириниҳои гуногун шинос шудаанд.



Дар марказ барои меҳмонон чорвои гуногуни маҳаллӣ, гӯшаҳои заргӯшу парранда-парварӣ нигоҳ дошта мешавад.

Ҳангоме ки суҳбати мо бо Санҷар идома дошт, хабар расид, ки сайёҳон аз Русия ташриф оварданд. Мусоҳибамон узр гӯён аз ҷой хест. Мо вақти бозгашт устоҳнро дидем, ки бо бунёди хонаҳои нав банд буданд. 10 нафар кормандони марказ барои қабули меҳмонон ба тараддуд афтода буданд.

Ба яке аз хонаҳои меҳмонқабулкунӣ сар халонда, нақшу нигори дилкаш, кӯрпачаю болинҳои бо тартиб гузошташуда, мизу лаълии бо нозу неъмат ороставда ва ғайраро дидем. Кушодадилию саховат, инсонпарварию меҳмоннавозии қадимии халқамон гӯё дар ҳар як чиҳозии ин кулба ифода ёфта буд.

Амрулло АВЕЗОВ, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Ҷавонон – ояндаи мамлакат

«АГАР ХОҲӢ ШУДАН БАР САРВАРОН САР...»

Аз таърихи тараққиёти ҳар кишвар маълум аст, ки рушди босуръати мамлакат, дастовардҳои назаррас, некӯаҳволии мардум ба сатҳи таваҷҷуҳ ба таҳсил ва ояндаи ҷавонон дар он кишвар вобастагии зич дорад. Аз ин лиҳоз, таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ ба ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мебошад. Зеро ҷавонон соҳибони имрӯзу фардои миллат, такягоҳи боэътимоди давлат мебошанд.



Донишҷӯйи курси 6-уми Донишкадаи тиббии Фарғона Сарвиноз Ҳабибуллоева аз зумраи ҷавононест, ки аз имкониятҳои самарабахш истифода бурда, дар самти амалӣ намудани лоиҳаҳои илмӣ ва чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст.

Сарвиноз аз овони ҷавонӣ ба илму фан шавқу ҳаваси баланд дошт. Дар озмуну олимпиадаҳои фаннӣ бо зеҳни баланди худ ҷойҳои фахриро ишғол намудааст. Ӯ мактаби умумтаълими рақами 6-уми ноҳияи Косонсойи вилояти Намангонро бомуваффақият хатм карда, соли 2019 ба Донишкадаи тиббии Фарғона дохил мешавад. Аз соли аввали таҳсил бо истеъдод ва саъю кӯшиши худ ба назари устодонаш афтид. Дар конференсияҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявию хориҷӣ пайваста иштирок намуда, ҷойҳои фахриро ишғол намудааст. Мақолаҳои илмиаш дар рӯзномаву журналҳои хориҷӣ ба табъ расидаанд. Соли 2022 дар Самарқанд дар олимпиадаи байналхалқӣ аз фанни онкология ширкат варзида, ҷойи 3-юмро ишғол намуд. Натиҷаи саъю кӯшишҳояш дар олимпиадаи «Авитсена – 2024», ки дар Донишгоҳи давлатии тиббии ба номи Абуалӣ ибни Синои Тоҷикистон баргузор шуд, сазовори ҷойи 1-ум ва соҳиби медали тиллою дипломи дараҷаи якум гардид.

– Иштирок намудан дар конференсияҳои байналхалқӣ шавқу рағбати донишҷӯро барои омӯхтани илм ва баррасӣ намудани қобилияту дарки масъулиятнокӣ нисбат ба касбаш зиёд мекунад, – иброз дошт Сарвиноз. – Мо – ҷавонон дар замоне зиндагӣ мекунем, ки ҳангоми гузоштани қадам сӯйи ҳадаф ва муваффақиятҳо метавонем дастгирии ҳамаҷонибаи давлату ҳукумат ва Президентро бараъло эҳсос намоем. Ҳоло дар мамлакатамон барои омӯхтани илму ҳунар тамоми шароит муҳайёст. Беҳуда нагуфтаанд:

Агар хоҳӣ шудан бар сарварон сар,
Биомӯзу биандешу биофар.

Сарвиноз ҳамчун олими ҷавон ғолиби як қатор озмунҳо гардид. Аз ҷумла, ба қарибӣ дар шаҳри Тошканд аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва Маркази такмили ихтисоси кормандони соҳаи тиб Гастрофоруми байналхалқии IX баргузор шуд. Дар он олимони ҷавони то 30-сола, шифокор-ординаторҳо, донишҷӯёни курсҳои 5-6-ум ширкат варзиданд.

Хурсандиовар аст, ки Сарвиноз дар озмуни байналхалқии «Олими ҷавон»-и гастрофорум иштирок карда, сазовори ҷойи якуми фахрӣ гардид.

Мақсад аз баргузории чорабинии мазкур дастгирии пажӯҳишҳои илмии ҷавонон ва ҳавасмандгардонии фаъолияти табибони ҷавон ҳамчун яке аз самтҳои муҳими тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва тахассуси онҳо мебошад. Омӯхтани илму маърифат мунаввар кардани фардои ҳаёт аст. Зеро насле, ки созанда асту истеъдоди офариниш доранд, ҳамеша аз пайи ободии Ватан аст. Аз ин рӯ, Сарвиноз намунаи ибрат барои ҷавонон мебошад. Ӯ ҳамеша аз пайи омӯзиш аст. Мо умедворем, ки ӯ ҳамчун олими ҷавон корҳои илмию тадқиқотии худро пешниҳод намуда, барои пешрафти илми тиб саҳми арзандаи худро мегузорад.

Мағфират МАМАҶОНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАМАНГОН.

Мусоҳибаи мо

МАСТӢ – БАРАД БА ПАСТӢ

Хабари нохуши дар яке аз рустоҳои Самарқанд дар ҳолати мастӣ зан ва ду фарзанди худро ба қатл расондани марде барқвор паҳн гардид.
Танҳо тайи даҳ моҳи соли равон дар ҳолати сархушӣ паси фармони мошин нишастани 206 шаҳрванди шаҳри Самарқанд, ки дар байни онҳо занону духтарон низ ҳастанду аксарон маҳз эшон сабабгори садамаи роҳ шудаанд, ҳар як фарди солимақлро ба ҳайрат мегузорад. Хидмати матбуоти корҳои дохилии вилоят хабар дод, ки аз ҳар чаҳор ҷиноят, яке дар ҳолати сархушӣ аз мастӣ рух додааст...
Суҳбати мо бо сардухтури Маркази махсуси илмию амалии тиббии Вазорати нигаҳдории тандурустии ҷумҳурӣ, номзади фанҳои тиб Наргиза Кенҷаева маҳз дар ҳамин мавзӯъ буд.

– Сабаби майзадагӣ он аст, ки организми инсон дар як шабонарӯз қариб панҷоҳ грамм спирт истеҳсол менамояд, – мегӯяд Наргиза Қуввватовна. – Агар кас мунтазам нӯшокии спиртӣ истеъмол намояд, ғадудҳое, ки вазифаашон кор карда баромадани спирт аст, танбал мешаванд ва ахиран аз кор мебароянд. Зеро чун спирти «муфт» ба организми инсон дохил шуд, он ба спирти ройгон одат мекунад. Аз суиистеъмоли ин нӯшокӣ саломатии одам коҳиш ёфта, қобилияти ақлии ӯ заиф мешавад.

Файласуфи араб Абулфарач (асри IX) чунин навиштааст: «Одами ба машрубот ручӯъ карда, дорои чаҳор хислат аст, ӯ аввало ба товус табдил ёфта, ҳаракатҳои аҷиб мекунад. Сипас ба маймун бадал гардида, бо ҳама ҳазлу шӯхӣ менамояд, баъдан худро шер мепиндорад ва оқибат мисли хук ба обу гил ғел мезанад».

– Муассисаи шумо бо кадом роҳҳо бар зидди майзадагӣ мубориза мебарад?

– Дар шаҳри Самарқанд поликлиникаи махсус барои табобат аз нашъамандӣ, тамокукашӣ ва майзадагӣ мавҷуд, дар шаҳраки Ширини ноҳияи Ҷомбой муолиҷагоҳи дорои 280 кати табобатӣ, инчунин ҳушёрхона амал мекунанд. Беш аз 30 шифокор ва 120 ходими миёнаи махсуси тиббӣ шабу рӯз бо майзадагон ва нашъамандон сару кор доранд.

Ходимони «Ёрии таъҷилӣ» бо васоити кормандони корҳои дохилӣ аз тамоми гӯшаву канори вилоят шахсони ба иллати майнӯшӣ гирифторшударо ба ин муассисаҳо меоваранд. Мо «меҳмонон»-и нохондаро қабул карда, ба табобати онҳо машғул мешавем. Дар муассисаи мо аксар табибони соҳибтаҷриба ва рӯҳшинос ҳастанд.

Воқеан, мо алайҳи нашъамандӣ ва тамокукашӣ низ муборизаи беамон мебарем. Бояд таъкид кард, ки ҷиноятқориҳои вазнин ҷун фаҳш, қотилӣ, таҷовуз, ғоратгарӣ маҳз туфайли нашъамандӣ ва майнӯшӣ рух медиҳанд. Бино ба маълумоти омор дар дунё беш аз 500 миллион ба ин дардҳои нанговар печида, аксари онҳо то 30 сола ҳастанд.

Табибони мо Баҳром Назаров, Рустам Эшонқулов, Диловар Қосимова, Шоҳмаҳмуд Муллоев, Ҷӯрабек Юсуфов ва дигарон на танҳо бо дорувор, балки бо суҳбату маслиҳатҳои муфиди худ кӯшиш мекунанд, ки шахсони ба ин иллатҳо гирифторро аз ин бало раҳоӣ бахшида, ба ҳаёти солим баргардонанд.

Бояд хотиррасон намуд, ки фарзандони майзадагон камакл, заиф, яъне бо нуқсонҳо ба дунё меоянд. Ин ҳақиқатро тиббиёт собит кардааст. Машрубот ба маъноӣ том захри қотил ва фалачкунандаи организми инсон мебошад. Шайхурраис Ибни Сино таъкид кардааст, ки суиистеъмол аз он фаъолияти ҷигару майнаро вайрон мекунад ва ба марги бемаҳал меоварад.

Бовар кунед, каси майзада ҳеҷ гоҳ боақлу доно, рамузфаҳму дақиқназар нахоҳад шуд. Баръакс, фикраш заифу кунд, қувваи ҳофизааш коҳиш меёбад.

– Аз ҷониби муассисаи Шумо барои пешгирӣ кардан ва барҳам задани иллати майнӯшӣ чӣ гуна тадбирҳо андешида шудаанд?

– Аз нӯшидан, носу тамокукашӣ даст кашдан душвор аст гуфтан, хатост. Ин андешаи мутлақо нодуруст аст. Агар кас иродаи матин ва қатъият дошта бошад, тарки ин иллатҳо душворие надорад. Медонам, ки бисёр касони соҳибирода аз иллатҳои зикршуда даст кашида, ҳоло хеле саодатманд гаштаанд.

Дар ин бобат тарбияи бадан, гимнастика ва пиёда гаштан ба кас тавонмандӣ, неруи тоза мебахшад.

Боиси хушнудист, ки дар кишвари мо барои тавоно, пурзӯр, солим будан тамоми шароит мавҷуд, истифодаи самарабахш аз онҳо гарави саломатист.

Мусоҳиб

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

Аз ҳаёти маҳалла

Аз ислоҳоти доманфарохе, ки таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев ба амал татбиқ мегардад, фаъолияти маҳаллаҳои шаҳрвандӣ дар канор намондааст. Маҳалла имрӯз пулест байни шаҳрвандон ва давлат. Вазифа ва ӯҳдадориҳои маҳалла амиқ ва дақиқ баррасӣ мегардад. Ниҳоди маҳалла ба ҳалқаи ҳалкунандаи ислоҳот табдил ёфтааст.

МИЁНИ ХАЛҚ ВА ДАВЛАТ



Имрӯз дар Ӯзбекистон 9452 ниҳоди маҳаллаи шаҳрвандӣ фаъолият дорад. Ва мақсади ин ниҳодҳо «Ҳама чиз барои инсон – барои бахту саодати инсон» равона шудааст. Бо мақсади беҳтар ва самаранок ба роҳ мондани кори маҳалла «ҳафтгонаи маҳалла» таъсис дода шуд. Ба «ҳафтгонаи маҳалла» шомиланд: раиси маҳалла, ёвари ҳоким, фаъоли корҳои бонувон, сардори ҷавонон, нозири профилактика, нозири андоз ва корманди ҳидмати иҷтимоӣ. Ҳар як нафари инҳо вазифа ва ӯҳдадориҳои худро доранд, ки ба фаъолияти онҳо раиси маҳалла роҳбарӣ мекунад.

Ҷараёни фаъолияти «ҳафтгона»-ро дар маҳаллаи «Каттасой»-и ноҳияи Нурато ба мушоҳида гирифтем. Идораи маҳаллаи шаҳрвандии «Каттасой» дар деҳаи Эҳ воқеъ аст. Маҳалла се деҳа – Симбулоқ, Эҳ ва Сойхурдро дар бар дорад. Дар маҳалла як муассисаи таълими томактабӣ, ду мактаби таҳсилоти ҳамагонии шумораҳои 30 ва 43 (филиали ин мактаб дар деҳаи Симбулоқ воқеъ аст, ки толибилмон он ҷо чор сол таълиму тарбия мегиранд), 3 бунгоҳи тиббӣ, ду ошхона, чандин дукони савдо, се маркази қабули сайёҳон ва се қабристони дар тасарруфи идораи ободгардонии ноҳия мавҷуд, фаъолият пеш мебаранд. То миёнаи ҳар се деҳа роҳҳо мумфарш. Ба деҳаи Эҳ аз ду самти сой роҳро мумфарш намудаанд, ки дар охир онҳо ба ҳам пайваст гардидаанд. Роҳҳо деҳотро ба шоҳроҳи Нурато – Фориш мепайванданд.

– Дар «Каттасой» имрӯз аз интернет хуб баҳрабардорӣ мекунанд. Ба ҳар деҳа симхатҳои Wi-Fi кашида шудааст, ки хоҳишмандон аз он бемонеа истифода бурда истодаанд, – гуфт зимни суҳбат раиси маҳалла Орзумурод Рӯзиев.

Дар «Каттасой» 1843 нафар буду бош доранд, ки 927 нафари онҳо зану духтарон мебошанд. Ҳама заминҳои назди ҳавлигӣ доранд, ки манбаи даромади оилаҳо мебошад. Баъзе солҳо об муаммо дорад, ки мардум аз чоҳҳо истифода мебаранд.

Фаъолияти аъзоёни «ҳафтгона» тибқи нишондодҳо фаъолият пеш мебаранд. Мақсад таъмини фаровонии зиндагии мардум ва осоиштагии маҳалла мебошад. Мегӯянд, ки «Чу узве ба дард оварад рӯзгор, дигар узвҳоро намонад қарор». Ҳар як оила узви маҳалла аст ва дар айни ҳол ҳар оилаву маҳалла узви кишваранд. Аъзоёни «ҳафтгона» ва комиссияҳое, ки дар маҳалла таъсис ёфтаанд, ҳамеша дар хидмати мардум буда, муаммоҳои дар оила ва маҳалла бамиёномадаро бо маслиҳат ҳаллу фасл мекунанд.

– 57 нафар бекор ба рӯйихат гирифта шудааст. Баъзеи онҳо ба Русия ва ё Қазоқистон ба баъзан ба давлатҳои Аврупо ба кор мераванд, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд ёвари ҳоким Руслан Қӯзиев. – Бо онҳо пайваста тамос дорем ва бо вазъи оилаҳояшон ошно мешавем. Ман андаке пештар омадам, бо вазъи оилаҳошон шинос шудам. Дигар аъзоёни «ҳафтгона» низ барои суҳбат бо волидони онҳо рафтаанд. Ҳадаф аз ин даву тоз ба тариқи қонунӣ ба кор фиристодан ва ё ба маҳалла баргардонида, ин ҷо бо кор таъмин намудан аст.

Ба 8 нафар бекор, ҳар якеро ба миқдори 20 миллион сӯм кредит дода шуд. Фаъолияти соҳибкории худро ба кор мондаанд, ки манбаи даромади иловагӣ пайдо намудаанд. Тариқи субсидия ба се нафар бонувон мошини дарздӯзӣ дода шуд, ки онҳо ба дӯзандагӣ машғул буда, даромади иловагӣ доранд.

Ба таҳсили шартномавии 5 нафар донишҷӯ 20 миллион сӯм кредит гузаронида шуд.

– Тибқи барномаи «Аз камбизоатӣ – ба фаровонӣ» дар маҳалла кор хуб ба роҳ монда шудааст, – гуфт Орзумурод. – Дар маҳалла 78 нафар ногиронони гурӯҳи 1 ва 2 зиндагӣ доранд, ки аксарияташро кӯҳансолон ташкил медиҳанд. 10 оилаи камбизоат ба рӯйихат гирифта шудаанд. Ба онҳо 6 тонна ангишт ва ба миқдори 4 миллиону 500 ҳазор сӯм маҳсулоти хӯрокворӣ дода шуд. Дар ҳар як ҷашну ид ба ногирову ва камбизоатҳо бо кӯмаки соҳибкорони маҳалла ёрии моддӣ расонида мешавад.

– Дар маҳалла кор бо ҷавонон хуб ба роҳ монда шудааст, – гуфт нозири профилактика А. Ёрматов. – Ҳар ҳафта бо навбат дар яке аз деҳаи маҳалла мусобиқа аз футбол ва волейбол гузаронида мешавад. Ҳар ду моҳ чунин мусобиқа байни маҳаллаҳои ҳудуд (Синтоб, Темирқовуқ) ва соле 4-5 маротиб бо тимҳои футбол ва волейболи ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах гузаронида мешавад. Мусобиқа байни ҷавонон баргузор мегардад. Варзиш ҷавононро ба ҳам наздик намуда, дӯстиро байни онҳо пойдор мегардонад.

Ҷавонони маҳалла борҳо дар озмунҳои «Панҷ ташаббус» дар зинаҳои ноҳиявӣ ва вилоятӣ иштирок намудаанд. Ин тадбирҳо асосан дар ҳамкорӣ бо мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ гузаронида мешавад.

Чандин сол аст, ки Д. Тилабова дар маҳалла ҳамчун фаъоли бонувон фаъолият дорад. Тибқи барномаи «Оилаи солим – ҷомеаи солим» кор мебарад. Ба «Дафтари бонувон» 84 нафар зан ва духтарони маҳалла аз рӯйи 6 тоифа ба рӯйихат гирифта шудаанд. Беш аз 10 нафар занону духтарони маҳалла дар марказии маҳаллаи »Темирқовуқ» бо шуғли доимии дӯзандагӣ таъмин гардидаанд. Зиёда аз 10 нафар дар хона ба ин шуғл машғул мебошанд.

– Дар маҳалла барномаи «Макони сабз» ҳаводорони зиёд пайдо кардааст. Ташаббуси Президент ҷиҳати ниҳолшинонӣ ва ба муҳити сабзу хуррам табдил додани муҳити зист ҳамовозиҳои гарму ҷӯшон пайдо кард, – гуфт раиси маҳалла. Тасмим гирифтаем, ки тирамоҳи соли равон беш аз 2280 ниҳоли мевадеҳ ва буттагӣ шинонем, ки аллакай ба ин адад наздик расидааст.

– Дар маҳалла муаммоҳо зиёданд. Муассисаи таълими томактабӣ дар деҳаи Эҳ воқеъ аст. Кӯдакон аз Сойхурд (3 км) ва аз Симбулоқ (4 км) ин ҷо меоянд. Толибилмони синфҳои 5-11 - уми Симбулоқ низ ҳар рӯз пиёда то Эҳ меоянд. Кӯдаконро волидон бо мошинҳои сабукрав мебиёранд, ки дар дохили мошин 10-12 нафар кӯдакро ҷо мекунанд. Аввалан, онҳо қоидаи ҳаракати роҳро вайрон мекунанд, сониян, садамаҳои роҳро набояд фаромӯш кард...

Дар ноҳияи Нурато 31 маҳалла вуҷуд дорад, танҳо ду маҳалла дар бинои кӯҳна фаъолият дорад. Борҳо ин масоил дар вохӯриҳои сайёр ба роҳбари сектори дуюм ва ҳокими ноҳия, дигар муассисаву ташкилотҳои дахлдор расонида шудааст, вале натиҷа нест.

Маҳалла як оила аст, тӯйю маъракаҳоро бо ҳам мегузаронанд, дар шодиву ғами ҳамдигар шериканд ва барои зиндагии фаровону ободу озод, орому осоишта ғайрат ва ҳаракат доранд. Шукри рушду нумӯъ ва оромиву осоиштагии кишвар доранд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАВОӢ.

МАҲАЛЛА – РОҲНАМОИ КОРҲОИ БУЗУРГИ ИН ДАВРУ ЗАМОН

Ба идораи вилоятии Иттиҳодияи маҳаллаҳои Ӯзбекистон Адҳамҷон Зиявитдинов дастикам як сол муқаддам сардор таъин гардидааст. Вай солҳои зиёд дар мақоми ҳокими шаҳри Марғилон фаъолият намудааст. Мо бо Адҳамҷон Зиявитдинов дар бораи корҳое суҳбат кардем, ки то ин давраи соли равон дар вилояти Фарғона анҷом дода шудаанд.



– Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти мо 1 ҳазору 62 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо мавҷуданд ва ҳар кадоми он барои тарғиби сиёсати хирадмандонаи Президент ва иҷрои қарору фармонҳои ҳукумат ҳисса мегузорад, инчунин дар ҳалли мушкилоти сокинони он корҳои мушаххасеро ба анҷом мерасонад. Бо мақсади ба роҳ мондани «Кори бекоғаз» дар ҳамаи ниҳодҳои маҳаллии марбути Садорати маҳаллаи вилоят ҳуҷҷатҳо ба шакли электронӣ гузаронида шудаанд, – гуфт дар ибтидо Зиявитдинов.

Вай афзуд, ки яке аз самтҳои кори маҳаллаҳоро вокуниш ба муроҷиати шаҳрвандон ташкил мекунад. Бар ин асос 2 ҳазору 762 муроҷиате, ки аз тариқи Қабулхонаи виртуалии Президент ва Қабулхонаҳои халқ ба онҳо расидааст, мавриди таҳқиқ баррасӣ ва иҷро қарор гирифтаанд. Ин муроҷиатҳо асосан масъалаҳои иҷтимоиро фаро гирифта, ба беш аз 2 ҳазору 55-тои он вокуниш ва ҷиҳати ҳаллу фасл чораҳои фаврӣ андешида шуд. Инчунин тибқи нақша садорат дар давоми нӯҳ моҳи соли 2024 дар шаҳру ноҳияҳо қабулҳои сайёр ташкил намудааст.

Гуфта шуд, ки дар чаҳорчӯби «Олимпиадаи панҷ ташаббус» 1 ҳазору 368 мусобиқаи варзишӣ, 1 ҳазору 166 тадбири «Машварати пиронсолон», таҳти шиори «5 ҳазор қадам барои саломатӣ» 452 чорабинии гуногуни варзишӣ ва раҳпаймоиҳо роҳандозӣ гардиданд, ки дар он 114 ҳазору 109 нафар сокинони шаҳру ноҳияҳои вилоят фаъолона ширкат варзиданд.

Бо мақсади боз ҳам таҳкими низоми кори маҳалла, ҳалли мушкилоти ҷавонон дар худи маҳалла «ҳафтгонаи маҳалла» фаъолият менамояд, ки дар иҷрои корҳои зиёд нақши муҳим мебозад.

– Иттиҳодияи ҷумҳуриявӣ бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши «ҳафтгонаи маҳалла» курсҳои омӯзишии 34-соатаи онлайн ташкил намуд. Чунин курсҳои таълимӣ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят гузаронда шуд ва ин раванд беш аз пеш доман фарох намудааст.

Ғайр аз ин, оид ба ташкили фаъолияти «ҳафтгонаи маҳалла» дастурҳои методӣ тақдим гардид. Дар он ҳамаи масъалаҳои ташкили самараноки кор ба таври возеҳ шарҳу тафсир ёфтаанд.

– Бемуҳобот метавон гуфт, ки ин дастур дар ташкили босамари фаъолияти «ҳафтгонаи маҳалла», пурзӯрсозии нақши он дар ҳаёти сокинон, ҳаллу фасли масъалаҳои зиёд хеле мусоидат мекунад. Гузашта аз ин, татбиқи лоиҳаҳои гуногун, ки ба беҳбуди вазъи иҷтимоии хонаводаҳои камдаромад, фаъолияти идораҳои давлатӣ ва хусусӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, таъмини муҳити боамну субот, ҷилавгирӣ аз вазъи душвори иҷтимоии аҳолӣ, ҳамзамон пурмазмун ташкил намудани вақти холии ҷавонон, тарғиби тамоюлҳои «Оилаи солим – ҷомеаи солим» нақши муассир хоҳад бозид, – қайд намуд Зиявитдинов.

Маълум шуд, ки баҳри иҷрои қарори Президент «Дар бораи чораҳои иловагии обод ва кабудизоркунии маҳаллаҳо, беҳтар намудани намои он» перомуни ободгардонии маҳаллаҳо корҳои доманфарох барномарезӣ шудаанд.

– Бар асоси супориши хос дар маҳаллаи «Юксалиш»-и ноҳияи Бағдод ба сифати намуна ҶДММ «Юксалиш Маҳалла Сервис Компани» таъсис дода шуд, ки ба аҳолӣ аз рӯи 24 намуд хидматҳои коммуналӣ мерасонад. Он як гурӯҳ сокинони бекори ин маҳалларо ба кори доимӣ ҷалб кард. Онҳо ба дуредгарӣ, сантехникӣ, кафшергарӣ ва ғайра машғул мешаванд, – гуфт ӯ.

– Дар айни ҳол 10-тои ин ширкат дар бинои ҷамоати шаҳрвандон, 2-тои он дар бинои хусусии соҳибкорон воқеъ гашта бошад, барои 7-тои боқимонда ҳокими вилоят қарор содир намуда, барои сохтмони бинои он замин ҷудо карда додааст. Аллакай дар ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои «Юксалиш»-и ноҳияи Бағдод, «Баҳрин»-и шаҳри Марғелон, «Акбаробод»-и ноҳияи Қува, «Янги ҳаёт»-и ноҳияи Олтиариқ, «Шомирзо»-и ноҳияи Қӯштеппа, «Ровон»-и ноҳияи Сӯх, «Бегобод»-и ноҳияи Учкӯприк, «Истиқлол»-и ноҳияи Тошлоқ, «Масҷиди хурди сафед»-и ноҳияи Ӯзбекистон, «Асри нав»-и ноҳияи Фарғона чунин ширкатҳо оғоз ба фаъолият кардаанд, – мегӯяд мусоҳибам.

– Ҳоло боз бармегардем ба масъалаи «ҳафтгонаи маҳалла». Дар ин замина метавон гуфт, ки ҳанӯз барои истиҳдоми аъзоёни он ҷойҳои холӣ мавҷуданд. Дар маҷмӯъ 37 ҷойи холӣ мунтазири шахсоне мебошад, ки метавонанд барои ишғоли мақоми раиси маҳалла – 3 нафар, ёварони раиси шаҳр – 12 нафар, пешсафи ҷавонон – 10 нафар, занони фаъол – 16 нафар, нозири профилактикӣ – 1 нафар, кормандони иҷтимоӣ – 3 нафар, нозирони андоз – 4 нафар даъвогарӣ кунанд, – изҳор намуд вай.

Дар ноҳияи эксклави Сӯх, ки аз чаҳор тараф онро Қирғизистон иҳота намудааст, дар натиҷаи таъсиси «ҳафтгонаи маҳалла» беш аз 70 масъалаи ҳаллашон мушкил ба таври дастаҷамъӣ ҳал карда шуданд. Инҳо бақайдгирии сокинони ниёзманд, расонидани кумакҳои молӣ, дар худи маҳалла ҷудо кардани қарзи имтиёзнок, ки бидуни рафтан ба идораҳои дахлдори ноҳиявӣ ва вилоятӣ имконпазир шудаанд, аз ҳамин зумра мебошанд.

– Дар бобати иҷрои корҳое, ки ба беҳбудии муҳити иҷтимоию маънавӣ нигаронида шудаанд, чанд сухан мегуфтед.

– Байни мардуми мо маҳаллаҳо макони арзишҳои миллӣ меноманд. Ин арзишҳои миллӣ бояд ҳамеша ҳифзу нигаҳдорӣ ва барои насли оянда ба мерос гузошта шаванд. Ин арзишҳои миллӣ аз тӯю маърака, ҷашну маросимҳо иборатанд, ки қарнҳо ба ин сӯ давом карда меоянд. Фақат ҳоло ҳар кадоми он мувофиқи давру замон тағйир ёфтааст, бо вуҷуди он бояд меъёре риоят шавад, ки боиси азияти иқтисодии мардум нагардад. Дар ин ҷода низ ҳафтгонаи маҳалла як ҷо бо аъзои комиссияҳо баргузории ин арзишҳоро аз мадди назар дур намегузорад, – гуфт Зиявитдинов. Ба гуфтаи ӯ дар самти беҳдошти муҳити иҷтимоӣ-маънавӣ чорабиниҳои зиёд пиёда мешаванд. Он таҳти шиори «Маҳалла – макони арзишҳо» сурат гирифта, масъалаҳои баланд бардоштани маданияти китобхонӣ дар байни аҳолӣ, таҷлили иду санаҳои пуршарафро низ фаро мегирад. «Маърифат бар зидди ҷаҳолат», «Ҳамсояҳорӣ – пояи сулҳу оромӣ, тинҷию ҳамбастагӣ, қалъаи маърифат», «Рӯзи дарҳои кушод» аз шумори ҳамин чорабиниҳо арзёбӣ гардиданд.

– Ҳоло мо ба тарзи ҳаёти солим таваҷҷуҳи хос зоҳир мекунем. Ноҳия ва шаҳрҳо аз рӯи таносуби ҳодисаҳои ҷудошавӣ ба аҳолӣ ба 3 тоифа тақсим карда шудаанд. Дар ин ҳолат шаҳрҳои Фарғона, Қӯқанд, Қувасой ва ноҳияи Фурқат – 1,0 ба ҳар ҳазор – дар ҳудуди «сурх», 2 ноҳия (Данғара, Ӯзбекистон) – 0,9 ба ҳазор – дар ҳудуди «зард», 12 шаҳру ноҳия (Марғелон, Бешариқ, Бағдод, Бувайда, Ёзёвон, Қува, Олтиариқ, Қӯштеппа, Риштон, Сӯх, Тошлоқ, Учкӯприк) – 0,6-0,8 дар минтақаи «сабз» муайян шудаанд. Дар 263 ҷамоати маҳалла ҷудошавӣ кӯшиш дида ва дар 60 ҷамоати шаҳрвандон умуман ин ҳолат ба қайд гирифта нашудааст, – тазаккур дод сардори садорати маҳаллаҳо.

Зиявитдинов иброз дошт, ки маҳз бо кумаки ҳафтгона маҳаллаҳои зиёд ба пешгирии ҷиноятқорӣ ноил мешаванд. Инчунин ҳафтгона талош ба харҷ медиҳад, ки вазъи иҷтимоии сокинони маҳаллаи худро муайян намояд ва барои рафъи мушкилоти онҳо чораҳои амалӣ андешад. Аз ҷумла, 3 ҳазору 439 нафар машғули кори дӯзандагӣ, 233 нафар ба чорводорӣ, 88 нафар барои тавсеаи фаъолияти истеҳсолӣ, 47 нафар ба истеҳсоли маҳсулоти ҷаннодӣ, 161 нафар ба ҳунарҳои мардумӣ ҷалб гардиданд ва 109 нафар гармхона сохта, 56 нафар тавассути қарзи имтиёзнок касби ниҳолпарвариро пеша намуданд.

– Дар соли ҷорӣ 53 ҳазору 936 нафар сокинони вилояти мо барои кор ба хориҷи кишвар рафтаанд. Барои ҳамин дар тамоми 1 ҳазору 62 ҷамоати шаҳрвандон «ҳафтгона» таҷрибаи мулоқот бо муҳоҷирон аз тариқи онлайнро ҷорӣ намуданд ва ба он муваффақ шуданд, ки шаҳрвандони баргаштаро ба кор таъмин кунанд. Дақиқан, «ҳафтгона» бо 133 ҳазору 736 нафар муҳоҷир бевосита суҳбат гузаронида, аз рӯи натиҷаҳои он 73 ҳазору 175 нафари онҳо хоҳиши бозгашт ба Ватанро кардаанд. Аз ин шумор 62 ҳазору 254 нафари онҳо бо ҷойи кор таъмин гардиданд, – мегӯяд Адҳамҷон Зиявитдинов.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири «Овози тоҷик».
Вилояти ФАРҒОНА.

Машъалони маориф

ДИЛБОХТАИ ҶАБҲАИ ТАЪЛИМ



Вай ҳамеша як соат пеш аз оғози дарс ба мактаб меояд. Ба тозагӣ ва ҳолати синфхонаҳо шинос мешавад. Сари компутер нишаста, нақшаи кории рўзро аз назар мегузаронад, вазифаҳои иҷрошавандаро муайян мекунад. Ва ҳар рўз пеш аз оғози дарс толибилмон ва омўзгоронро бо чеҳраи кушоду хандон пешвоз мегирад. Чунин аст оғози рўзи кории ҷонишини директор оиди корҳои таълими мактаби ҳамагонии рақами 30-юми ноҳияи Нурато Абдураҳмон Раҳимов.

– Муаллимӣ, – гуфт зимни суҳбат А. Раҳимов, – касби пурифтихор, бошараф ва соҳибрисолат аст. Омўзгор барои гулгулшукуфии низоми ҷомеа, маърифатнокии насли наврас ва ҷавонон, худшиносию худогоҳии инсон хидмат мекунад. Омўзгор бо ақл, хирад, сабурӣ насли созандаву бунёдкор, худшиносу худогоҳро таълиму тарбия дода, ба шоҳроҳи ҳаёт ҳидоят мекунад.

Барои ин ў нури чашмонашро аз даст медиҳад, мўйи сарашро сафед мекунад, пайваста меомўзад, то биомўзонад. Ҳар як омўзгор бояд бидонад, чун аз омўзиш бозмонд, симои омўзгориашро гум мекунад. Шоире барҳақ фармудааст:

Расад ҷон бар лаби
бечора устод,
Ки ҳарферо ба шогирде
диҳад ёд.

Ривоят мекунанд, ки замоне чун нахустин омўзгор ба дунё меояд, сари гаҳворааш се фаришта ҳозир мешаванд.

Фариштаи аввал мегўяд: – Ту ҳамеша ҷавон хоҳӣ монд, барои он ки дар назди ту ҳамеша кўдакону ҷавононанд.

Фариштаи дувум мегўяд:

– Ту зебо хоҳӣ буд бо афкору бо қалбат, зеро нест муқаддамтар аз амале, ки ҳастиву қалби худро ба кўдакон бахшидааст.

Фариштаи савум мегўяд:

– Ту умри ҷовидонӣ хоҳӣ дид, чунки умри худро дар симои шогирдонат идома хоҳӣ дод.

Ҳамсуҳбати мо зодаи деҳаи Сойхурди кўҳистони Нурато мебошад. Дар мактаби овозадори рақами 43-юм омўзишу парвариш ёфта, бахши ҷуғрофияи Донишгоҳи давлатии омўзгории Тоҷикистонро (ҳоло ба номи С. Айнӣ) хатм намуда, фаъолияти омўзгориро аз мактаби рақами 32-юми ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах оғоз намуд. Аз соли 1992 ҳамчун омўзгори фанни ҷуғрофия дар мактаби рақами 30-юми ноҳияи Нурато ба фаъолият шурўъ кард. Аз соли 1998 ҳамчун рўҳшинос ва аз соли 2019 инҷониб дар вазифаи ҷонишини директор оиди кори таълим адои вазифа дорад.

Абдураҳмон нозукиҳои пешаи худро хуб медонад. Бо моҳияти ислоҳоти ояндасози ҷабҳаи таълим, бо замон ва пешрафти ҷамъият, ки дар кишвар роҳандозӣ мегарданд, хуб шинос ва ин ҳамаро аз ҳамкорон дархост дорад. Пайваста бо омўзгорон ва ҳам бо толибилмон, хосатан бо хатмкунандагон аз наздик кор мебарад. Худ, ки аз корбарӣ бо техникаи навини таълим хуб огоҳӣ дорад, ҳамкасбону шогирдонро ба он роҳандозӣ мекунад.

Саъйу ҳаракати ҷонишини директор оиди кори таълим самар овардааст. Рейтинги мактаб байни мактабҳои ноҳия хеле боло рафт. Давоми се соли хониши охир мактаби шумораи 30 байни мактабҳои ноҳия дар ҳама ҷабҳаҳои таълиму тарбия тибқи рейтинги мактабҳо мақомҳои аввалро ишғол мекунад. Се соли охир аст, ки хатмкунандагони мактаб 100 фоиз ба донишгоҳҳо дохил мешаванд.

Дастпарварони зиёди мактаб дар ҷабҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ босамар фаъолият намуда, ба обрў ва эътибор ноил гардидаанд. Абдураҳмон Раҳимов ифтихор дорад, ки имрўз даҳҳо нафар шогирдонаш дар донишгоҳҳо таълим мегиранд.

Имрўз чандин нафар шогирдони собиқи мактаб бо устодони худ паҳлу ба паҳлу фаъолияти омўзгорӣ доранд. Ҳамаи онҳо ба устодони соҳибтаҷриба вобаста карда шудаанд. Дар мактаб раванди «Устод ва шогирд» хуб ба роҳ монда шудааст. Ғиёс Зайниддинов, Насим Раҳимов, Раҳим Набиев, Хуршед Субҳонов, Ҳасан Йўлдошев, Фахриддин ва Нуриддин Нурназаровҳо омўзгорони ҷавоне мебошанд, ки ояндаи дурахшони мактаб ба онҳо вобастагӣ дорад.

Дилбастаи кори худ аст Абдураҳмон. Мактаб гарчанд дар як баст фаъолият дорад, қаҳрамони моро баъзан шабҳо паси компутери корӣ дар коргоҳ пайдо мекунед. Ба ҳар як супориш зуд ҷавоб мегардонад. Аз ин ҷост, ки имрўз мактаби 30-юм натанҳо дар ноҳияи Нурато, балки байни беш аз 300 мактаби вилоят шўҳрат пайдо кардааст. Ин дастовард ҳар як омўзгору толибилми мактабро шараф ва ифтихор аст.

Фаъолияти босамари Раҳимов борҳо қадршиносӣ гардидааст. Соли хониши равон ҳокимияти вилояти Навоӣ ба ў телевизор туҳфа кард. Умидворем, ки дилбохтаи ҷабҳаи таълимро минбаъд низ зафарҳо ёр гарданд.

Ўзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Вилояти НАВОӢ.

Таърихи диёрро меомўзем

САРНАВИШТИ МАРДУМИ БЕШҚЎТОН

Ҳар як маҳал, деҳа, ноҳия, шаҳр... таърихи худро дорад. Деҳае, ки ҳоло дар бораи он сухан меравад, дар ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё ҷойгир шудааст. Тавре маълум аст, Ўзбекистон дар чорраҳаи «Роҳи бузурги абрешим» қарор дорад. Пас бармеояд, ки ноҳияи Деҳқонобод ҳам дар ин бобат ҳамчун мавзеи муҳими иқтисодиёт, маданият, тиҷорат ва дўстии халқҳои Шарқ хизмат кардааст. Номи қадимаи он «Танги Ҳарам» буда, ба гуфтаи бостоншинос Д. Н. Логофет ду корвонсаройи азим доштааст.

Деҳаи Бешқўтон низ дар ноҳияи Деҳқонобод воқеъ мебошад. Сокинони деҳа бо боғдорӣ ва чорводорӣ машғуланд. Дар боғдорӣ аз шохоби дарёҳои хурди Қародарё, Тўраназарсой, Бибиширинсой, Сурхикўлсой истифода мебаранд.

Чорводорӣ низ дар ҳаёти аҳолӣ нақши муҳим мебозад, ки аз номаш пайдост. Медонем, ки зоти «гўсфанди ҳисорӣ» маълум ва машҳур аст. Деҳа бо парвариши ин зоти гўсфанд, расонидани пўст ва гўшти он дар мамлакат ном баровардааст.

Ҳоло дар Бешқўтон мардуми тоҷик, ки онҳоро ҳардурии каворагӣ меноманд, зиндагӣ мекунанд. Дар ноҳияи Деҳқонобод деҳаҳои тоҷикнишин зиёданд. Тоҷиконе, ки дар ин деҳаҳо зиндагӣ мекунанд, мисли ўзбекон қабила ва лаҳҷаҳои худро доранд.

Кишваршинос Б. Х. Кармишева дар китоби худ дар бораи вожаи «ҳардурӣ» чунин менависад: «Ҳардурӣ» ба маънои аз ҳар куҷо, яъне аз ҳар ҷо ҷамъомада аст».

Дар ибтидои асри XIX Муҳаммад Содиқхўҷаи Гулшанӣ дар бораи вожаи «ҳардурӣ» дар асари «Таърихи Ҳумоюнӣ» чунин навиштааст: «Қабилаи Кўнғирот ва қабилаи Ҳардурӣ дар байни ду дарё истиқомат мекунанд».

Дар бораи вожаи «ҳардурӣ» байни мардуми маҳаллӣ ақидаи дигаре низ мавҷуд аст. Шахсе бо номи Холмат Ҳоҷӣ (вафоташ тақрибан солҳои 1926-1930), ки дар деҳаи Тўхликўшаки маҳаллаи Бешқўтон (ҳоло ин деҳа Мачит ном дорад) зиндагӣ мекард, ду маротиба Маккаю Мадинаро зиёрат карда, ба кишварҳои зиёде сафар кардааст. Ў менависад, ки ҳардуриён аз авлоди қабилаи дурроniҳои Афғонистонанд.

Тибқи ривоятҳо, ҳардуриён аз вилояти Тошканд (тақрибан соли 1335) ба деҳаи Чоргили шаҳри қадимаи Қаршии вилояти Қашқадарё ва сипас деҳаи Ҳайроншайхи ноҳияи Деҳҳонобод (ҳоло ин мавзеъ дар байни деҳаҳои Гумбулоқ ва Шўргузар ҷойгир аст) кўч бастаанд. Дар ноҳияи Деҳқонобод ҳатто як қабристони бо номи Ҳайроншайх ҳаст.

Алҳол Ҳайроншайх аз маркази ноҳияи Ғузор ва ноҳияи Деҳқонобод дар масофаи 50-60 километр, дар ҷанубу ғарбии қаторкўҳҳои Ҳисор воқеъ аст. Бармеояд, ки мардуми ҳардурӣ тақрибан 100-200 сол боз дар Ҳайроншайх зиндагӣ ва дар ҳар дарае, ки барои чорводорӣ мусоид аст, сукунат ва то имрўз зиндагӣ мекунанд.

Соли 2007 академик Ғаффор Норбоев асареро бо номи «Оилаи ҳардуриёни Бойсун» аз нашр баровард. Тибқи он то ҳол дар деҳаҳои Кочаки ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё ва Пасурхии ноҳияи Бойсун ҳардуриён умр ба сар мебаранд.

Пас саволе ба миён меояд, ки ҳардуриён чи тавр ба ноҳияи Деҳқонобод омадаанд? Тавре дар боло зикр кардем, шуғли дўстдоштаи сокинони деҳаи Бешқўтон чорводорӣ буд. Он панҷ қўтон дорад, ки дар номаш низ инъикос ёфтааст. Маълум мешавад, ки аҷдоди ҳардуриҳо (гузаштагони сокинони Кавораги Бешқўтон) аз Ҳайроншайх омада, дар ин мавзеъ, ки барои чорводорӣ қулай аст, маскан гирифтаанд.

Салоҳиддин ҶАҲОНГИРЗОДА,
донишҷўйи Донишкадаи омўзгории
Ўзбекистон-Финландия.



РИСОЛАТИ НАВИСАНДА

Ба муносибати 60-умин солгарди зодрўзи нависанда Юнуси Имомназар

Ҳарчанд мегўянд, ки насри бадеӣ дар ҳавзаи адабии тоҷикии Ўзбекистон пешрафти чашмгир надорад, умед аст, ки қиссаву ҳикоя ва романҳои солҳои охир таълифшуда ин холигиро пур карда, моро ба ояндаи дурахшони он хушбин месозанд.

Аз ҷумлаи адибони серғайрату кўшои ҳавзаи мазкур Юнуси Имомназар мебошад, ки бо навиштаҳои рангоранги худ дар дили садҳо нафар хонанда роҳ ёфтааст ва дар ташаккули насри замони истиқлол саъйи бештар ба харҷ медиҳад.

Қиссаву ҳикоя ва новеллаҳои муаллиф асосан дар китобҳои «Аз санг сахт, аз гул нозук», «Ҷоми саргардон» ва «Марзи умед» ҷой гирифтаву фарогири муҳимтарин масоили иҷтимоии рўзгори мо мебошанд. Чанде аз ҳикояҳои ў дар китобҳои дастҷамъии «Се барги сабз» (Т.: «Noshirlik yog»dusi», 2019), «Суғдиёна» (Ҳўланд: «Ақли Сурх», 2020), «Гули санг» (Т.: «Tamaddun», 2020) низ ҷамъ омадаанд.

Навиштаҳои адиб дидаву шунидаҳояшро бозгў мекунанд. Насраш равону хоност, баъзан калимаҳои камистеъмолро ба он ҳадаф корбаст мекунад, то мардумро ба забони ноби форсии тоҷикӣ, ки реша дар ҳазор соли гузашта дорад, ҳарчи бештар наздик намояд. Дар навиштаҳояш ба риояи меъёрҳои забони адабӣ эътибори алоҳида медиҳад. Юнуси Имомназар кўшиш мекунад, ки дар поксозии забони навишторӣ хидмати алоҳида анҷом диҳад. Чунин амалҳои адиб шоистаи таҳсин аст. Ў, ҳамчунин, ба гўйиши мардуми зодгоҳи худ таваҷҷуҳ намуда, бисёр калимаҳои роиҷ дар забони мардумро ҷудо ва тасниф карда, хусусиятҳои фонетикии онҳоро нишон додааст. Натиҷаи пажўҳишҳои муаллиф дар ин самт дар китоби «Деҳаи зархез» инъикос ёфтааст. Ҷониби дигари пажўҳишҳои мавсуф он аст, ки ҳамчун муҳаққиқи нуктагир эҷодиёти шоиру нависандагони ҳамзамони худро мураттаб мутолиа ва пайгирӣ мекунад. Чунончи, китоби «Гули санг» маҳсули ҷустуҷў ва таҳқиқҳои эҷодкоронаи ўст, ки тавонистааст адибони шинохтаи кўҳистони Нураторо дар як маҷмуа гирдиҳам оварад ва бо баёни зиндагиномаи эшон намунаҳои барҷастаро аз эҷодиёташон рўнамоӣ кунад. Феълан китоби мазкур мукаммалтарин манбаи адабиест, ки фазои назму насри минтақаи ёдшударо фаро мегирад.

Бояд гуфт, ки нависанда бештар мисли як ровии муфассир дар ҷараёни нақли ҳикояҳо амал мекунад. Тарҳи ҳикояҳояш одиву маъмулӣ, ғояҳои дар зеҳни нависанда ташаккулёфта барои ба вуҷуд омадани сужети ҳикояву қиссаҳо кумак мекунанд. Яъне тарҳи ҳикояҳо тибқи ғояи эҷодии нависанда ташаккул меёбанд, ки аз комёбиҳои эҷодӣ ба шумор меояд.

Дар осори нависанда садоқату самимият, қадру манзалати инсоният тарғиб карда мешавад. Ҳатто муносибати инсону ҳайвон мавриди муҳокимаи бадеӣ қарор мегирад. Масалан, дар ҳикояи «Вафодор» ҳадафи муаллиф нишон додани меҳру шафқати саг нисбат ба инсон аст. Номи ҳикоя ҳам ҳамин маъниро таъйид мекунад. Дар ҳикояи «Нолаи хар» низ тасвири ҳайвони дигари хонагӣ – харро мушоҳида мекунем.

Юнуси Имомназар дар таълифи мақолаҳои таҳлилӣ низ имконияти фаровон дорад, мақолаҳое, ки дар «Аз санг сахт, аз гул нозук» фароҳам оварда шудаанд, далели ин даъвост.

Нависанда бо тарҷумаи ҳикояву қиссаҳои адибони ўзбек низ машғул аст. Айни замон осори беш аз 40 нафар адиби ўзбекзабонро ба забони тоҷикӣ тарҷума намуда, дар рўзномаву маҷаллаҳо ва китобҳои алоҳида ба чоп расонидааст. Аз ҷумла, дар қисматҳои 1, 2, 3-юми «Хирмани сухан» аксари онҳо ҷой гирифтаанд. Қиссаҳои «Томирис», «Нур ва зулмат»-и Миркарим Осим, «Қиссаи Робия»-и Исоҷон Султон низ ба он ворид карда шудаанд.

Муаллиф аз шеърият низ воқиф аст ва машқҳои худро ба ин ё он муносибат эҷод мекунад, аммо бештар домани насрро гирифта, дар ин самт бароҳат қалам мезанад, шояд ў низ «чорчўбаи назмро барои баёни афкори худ танг» ҳис карда бошад, ки пайваста барои инъикоси мушоҳидаҳои худ аз анвои гуногуни наср мадад меҷўяд.

Беҳуда ҳикояро «ғазали наср» намегўянд. Дар назми классикӣ он бореро, ки жанри ғазал мекашад, дар насри муосир ҳикоя ба зимма дорад. Бо вуҷуди он ки дар замони муосир ҳикояҳои Фазлиддин Муҳаммадиев, Саттор Турсун ва дигарон банду басти қавӣ доранд, мактаби ҳикоянависӣ мисли ғазали имрўз ривоҷ пайдо накард. Дар ҳавзаи адабии Ўзбекистон ҳам жанри ҳикоя ба таври дилхоҳ пешрафт надорад. Ин ба чанд омил вобаста аст, аввал ин ки мардум ба хотири кўтоҳии баён ва мусиқиву зарб доштан бештар қолабҳои лирикиро интихоб мекунанд, дувум, ҳикоянависӣ камтар тарғиб мешавад ва мактаби ҳикоянависӣ хуб ба роҳ монда нашудааст. Дигар ин ки аксарият аз назарияи ҳикояҳои имрўз огоҳ нестанд. Юнуси Имомназар бо чанд нафар ҳамтоёни худ дар ин роҳ бо муваффақият пеш меравад ва на танҳо аз болои ғояву мазмуни ҳикояҳо гаштаву баргашта кор мекунад, балки барои ҳар як калимаи мавриди истифода пофишорӣ карда, вожаҳои қобили истифодаро корбаст мекунад.

Нависандагони воқеӣ болои ҳар як навиштаи худ мудом кор мекунанд, «Алвидоъ, силоҳ»-ро 50 маротиба бо такмилу таҳрир навиштани Эрнест Ҳемингуэй бесабаб набуд. Ё Абдулло Қаҳҳор баъзе саҳифаҳои осорашро то 23 маротиба таҳрир мекард, аз нав менавишт. Як имтиёзи эҷодии Ю.Имомназар дар ин аст, ки калимаву таркибҳои барои ҳамаи форсизабонон фаҳморо пайдо карда, фикрҳояшро баён месозад. Шояд бархе дар мавриди баъзе калимаҳои осори нависанда хурдагирӣ кунанд, ки душворфаҳм аст, аммо набояд фаромўш кард, ки ҳимоягари забон дар навбати аввал нависандагон ҳастанд. Мавзўъ ва мазмунҳои тозаву навро баён кардан ҳам аз вижагиҳои нависандагии ўст. Дар ин бобат овардани суханони шоири шинохта Паймон муҳим аст: «Ҷиҳати дигаре, ки, фикр мекунам, хоссаи ҳикояву қиссаҳои ўст, ин дарёфти мавзўъ ва мазмунҳои тоза, ҳатто ногуфта мебошад». («Деҳаи зархез», саҳ.3).

Адиб на танҳо барои хонанда мазмуну муҳтавои нав, ғояҳои пешқадам илқо мекунад, балки ўро бо вожаҳои аз назарҳо дурмондаи забони куҳанбунёди форсӣ, махсусан, бо калимаҳои дар гўйишҳои маҳаллии диёрамон мавриди истифодабуда низ шинос менамояд. Бо ин роҳ, масъулияти аз ҳама муҳими нависандагӣ – тарғиби вожаҳои ноби забони зиндаи халқро ба роҳ мемонад. Солҳои сиюми асри гузашта вазифаи нависандагон сода карда, ба фаҳмиши мардуми одӣ наздик намудани забон буд, имрўзҳо ин масъулият бештар меафзояд, яъне адиби имрўз дар ин самт ду масъулияти муҳимро бар дўш дорад: ғояҳои муҳимми милливу умумибашариро инъикос кардан, забонро ба дарки мардум аз роҳи истифодаи калимаҳои умумифорсӣ наздик намудан.

Романи «Сабзу сурх», ки соли 2021 ба нашр расид, воқеаҳои таърихиеро дар бар мегирад, ки асосан дар кўҳпояи Нурато ва Бухоро ба амал омадаанд. Ин ҳодисаҳо замони ҳукмронии Аморати Бухоро ва давраи аввали фаъолияти собиқ шўравиро фаро мегиранд, ки ду давраи аз ҳам мутафовит буда, аз як сохти ҷамъиятӣ ба сохти дигар гузашта ба талабҳои дарпешистода мутобиқ шудани оммаи халқ осон набуд. Ҳадафи асосии муаллиф аз навиштани роман бозгў кардани ҳофизаи таърихии халқ мебошад, ки соҳиби донишу хирад, таҷрибаву ҷаҳонбинии хоси худ буданд. Азбаски роман воқеаҳои то солҳои сиюми асри гузаштаро дар бар мегирад, муаллиф ният дорад, ки қисмати дувуми романро бо оғоз аз давраи номбурда навишта ба итмом расонад ва дар асоси факту санадҳои воқеӣ рўзгори мардуми он давра, машаққати мутобиқшавии онҳо ба ҳаёти навро низ нишон диҳад.

Мавзўи худшиносӣ аз масъалаҳои муҳиммест, ки мисли хати сурх аз миёни қиссаву роман ва ҳикояву новеллаҳои Ю.Имомназар мегузарад. Дар ҳикояи «Ба ман гап мерасад» масъалаи фирор аз асли хеш ва натиҷаи номатлуби он баён мегардад. Дар мисоли Равшан ў шахсони аз маънавият ва асли хеш дурро зери тозиёнаи танқид гирифтааст. Равшан дар хонаи худ китобхонае аз китобҳои гуногун фароҳам кардааст, аммо онҳо барои назарфиребӣ ҳастанд. Маҳз, «дар сина будани китобхона» аз худро шинохтан сарчашма мегирад. Муҳимтарин масъала ин аст, ки афроди ба ном зиёӣ «илмро воситаи ҷоҳ» медонанд ва суханашон бо кирдорашон мувофиқ нест.

Гиёҳмандӣ аз иллатест, ки ба сабаби норасоиҳои иқтисодӣ дар охири асри XX дар миёни ҷомеаи Осиёи Марказӣ ба зудӣ паҳн шуд ва ба оқибатҳои номатлуб оварда расонд. Мисли бемории сирояткунанда ба зеҳни ҷавонони аз донишу маънавият дур зуд сироят кард. Бояд гуфт, нависандае, ки мушкилоти рўзгори худро нодида мегирад, навиштаҳояш ба дарди мардум намехўранд. Аз ҷониби дигар адиб муваззаф аст, ки норасоиҳои ҷомеаро дар қолаби асари бадеӣ инъикос намуда, чашми мардумро кушояд. Яъне ҳушдор диҳад, ки набояд аз камбудиву хатоҳо чашм пўшанд. Дар қиссаи «Гурез аз худ» Ромиш ба пули бедарди миён одат мекунад, вазъи танги иқтисодӣ ўро маҷбур кард, ки ба хотири манфиати моддӣ ба кўчаи бунбаст ворид шавад. Ба фикри ба шаҳр кўч бастан ҳам меафтад. Аммо сухани пандомези падар ўро аз ин раъй баргардонд: «Ман об дар ҷувоз мекўбам, бо мижгонам хору хас ҷамъ мекунам, дастамро ба оташ мезанам, лекин боғу дарамро тарк намекунам. Ҳамин зиндагии «пуразоб» аз ҳаёти шоҳонаи шаҳриҳоят сад бор беҳтар аст. Ман намехоҳам ватангадо шавам, бояд тобутам аз ҳамин дарвозаи чўбинам барояд» («Ҷоми саргардон», саҳ.8).

Омили муҳимме, ки ҳикояҳои Ю.Имомназарро ширину намакин мекунад, ин воқеаҳои ҷолибест, ки аз рўзгори рўзмарраи мардум бо услуби хос оварда мешавад. Хонанда донистани давоми воқеаро интизорӣ мекашад. Ба ин хотир, баъзе хонандаҳо агар дар як шаб сартопо китоберо мутолиа кунанд, набояд тааҷҷуб кард. Занҷирбандии воқеаҳост, ки хонандаро ба идома додани мутолиаи асар шавқманд мекунад. Шоир Абдулло Субҳон дар пешгуфтори китоби «Аз санг сахт, аз гул нозук» чунин меорад: «Сабки эҷод ва банду басти навиштаҳояш (Юнуси Имомназар – Х.С.) ҷозибае дар худ ниҳон доранд, ки хонандаро беихтиёр аз пайи худ мебаранд». Ин ҷозиба ҳамоно бо саргузашти ҷолиб шурўъ гардидани ҳикоя ва занҷирбандии воқеаҳост. Нависанда чун аз адабиёти ҷаҳон ва муосир огоҳии басанда дорад, дар банду басти ҳикояҳо огоҳона рафтор мекунад.

Новеллаи «Нони башир» касро ба ёди рўзгори донишҷўӣ мебарад, ки модарон сумкаи фарзандонро аз нону кулчаи баширу мағзу бодом пур карда, ба шаҳр барои хондан гусел мекарданд. Дар даме, ки се бародар аз ниҳояти гуруснагӣ чӣ кор кардани худро намедонистанд, нони баширу пулҳои аз намадпазию гилембофӣ ҷамъ карда фиристодаи модар ба додашон мерасад. Ин ҷо, дар баробари падар, меҳнату машаққатҳои модар барои таълим гирифтани фарзандон эҳсос мешавад. Дар охири нома «Ман шумоёнро дуо мекунам» гуфтани модар ба фарзандони мусофири донишҷўяш рўҳ мебахшад. Дар новелла манзараи солҳои навадуми асри гузашта пеши чашм меояд, ки баъзе нафарон аз хидмати коргарон истифода бурда, ҳаққи кори онҳоро намедоданд. Фиребу дурўғгўӣ усули пешбарии кор гардида буд.

Дар ҳикояи «Писарак» муаллиф аз мумсикии нонвой сухан мегўяд, ки на танҳо намехоҳад ба писараки муҳтоҷ ноне диҳад, балки ҳангоми аз ғояти гуруснагӣ ба нон даст дароз кардан ба дасти ў ҷароҳат мерасонад. Вазифаи нависанда ба воситаи осори худ мардумро ба сўйи инсонгариву ҷавонмардӣ тарғиб кардан аст. Муаллиф дар ҳикоя аз ҳамин нуқтаи назар бархурд мекунад.

Юнуси Имомназар дар ҳар як ҳикоя як масъалаи доғи иҷтимоиро ба таҳқиқи бадеӣ мекашад ва аз як китоб то китоби дигар муҳтавои онҳо ғанӣ мегарданд. Адабиётшинос Саиди Саъдӣ таъкид мекунад, ки: «Бештари ҳикояҳои ў (Юнуси Имомназар – Х.С.) аз лиҳози мазмун ва шакл дар радифи беҳтарин ҳикояҳои адабиёти мо қарор доранд». Дар ҳақиқат, ҳикояҳои адиб бо инъикос кардани масоили иҷтимоиву маънавии рўз арзиш пайдо мекунанд.

Риштаи дигари эҷодиёти Юнуси Имомназар нигориши сафарнома аст. Дарвоқеъ, нахустин китоби адиб «Аз Гулгашти Мусалло то Нақши Ҷаҳон» ном дорад, ки соли 2008 аз тариқи нашриёти давлатии «Ўзбекистон» ба табъ расидааст. Ў дар ин китоб ёддоштҳои худро аз сафари анҷомдодааш ба шаҳрҳои Шерозу Исфаҳон ва Теҳрони Эрон чунон ба қалам медиҳад, ки хонанда низ тасаввур мекунад ҳамроҳи муаллиф дар ҷойҳои дидаи ў қадам мезанад. Мо раванди зиндагии адибро аз нигоҳи мушоҳида гузаронида, возеҳан воқиф мешавем, ки аксари тахайюлоти эҷодиаш фароварди дидаю шунидаҳояш аз муҳитҳои гуногун аст. Дар ин маврид Шайх Саъдӣ беҳуда нафармуда: «Бисёр сафар бояд, то пухта шавад хоме».

Дар маҷмўъ, гуфтан мумкин аст, ки нависандаи чирадаст Юнуси Имомназар бо навиштаҳои гуногунжанри худ дар пешрафти насри адабиёти тоҷики давраи истиқлоли Ўзбекистон саҳми назаррас мегузорад ва ҳикояву қиссаҳояш бо инъикоси ҳаёти иҷтимоии ҳамзамонон арзиши бештар пайдо мекунанд. Дар тарғибу ташвиқ ва покиза нигоҳ доштани забони адабӣ чун бонигари забон ва фарҳанги аҷдодӣ хидмати шоиста анҷом медиҳад ва рисолати нависандагиро ба ҷо меорад. Илова бар ин, ҷуғрофияи навиштаҳояш бештар вусъат пайдо карда, рўзгори мардуми минтақаро фаро мегиранд. Узви иттифоқҳои нависандагони Ўзбекистон ва Тоҷикистон, барандаи нишони «Сухан» дар ин рўзҳои фарорасии синни камолот ба камоли эҷодӣ расидааст, ки ин тавфиқро барояш муборакбод мегўем.

Хусрави САЪДУЛЛО,
доктори фалсафа оид ба
илмҳои филология.

Ғалаба муборак!

ЧЕМПИОНҲО БАРГАШТАНД

Варзиш гарави саломатист. Варзиш ва дастовардҳои варзишӣ миллату кишварро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ мекунад. Дар назди бинои муассисаҳои мактабӣ ва томактабии ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё мардуми зиёде ҷамъ шуданд. Бино як қабои идона дошт. Дар зери кафкўбиҳои пурмавҷ чемпионҳои сариосиёгиро истиқбол гирифтанд.

Дар чемпионати ҷаҳон оид ба намуди таэквандо, ки дар шаҳри Тошканд байни наврасон баргузор шуд, намояндагони зиёда аз 98 кишвар иштирок намуданд. Паҳлавонҳои ноҳияи Сариосиё низ дар ин қувваозмоӣ ширкат варзида, натиҷаҳои назаррас: ду медали тилло, ҳафт медали нуқра ва ҳашт медали биринҷиро ба даст оварданд.

Дар чорабинии тантанавӣ, ки ба шарафи чемпионҳо доир гардид, ҳокими ноҳия Абдуқодир Донаев сухан ронда, мардуми Сариосиёро бо ин ғалаба муборакбод намуд.

Дар ҷамъомад ба ғолибон туҳфаҳои ҳокимияти ноҳияро роҳбари шуъбаи таълими мактабӣ ва томактабӣ Тоҷиддин Ўзбеков супорид. Ба маъмурияти мактабҳое, ки чунин чемпионҳоро тарбия менамоянд, изҳори миннатдорӣ ва туҳфаҳои хотирмон супурда шуд.

Директори мактаби рақами 82-юми ноҳия Саодат Сангинова низ ба хонандаи мактабаш Довудҷон Саидалиев барои ғолибият дар ин мусобиқаи бонуфузи варзишӣ туҳфаи маъмурияти мактабро супорид.

Олим ПАНҶИЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Сурхондарё.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 4240. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тўхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.